**Аҳмад Махдуми Дониш**

# *Девони ашъор*

**Душанбе – 2020**

***Ба 30-мин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад.***

Китоби мазкур бо Қарори Шӯрои табъу нашри Раёсати Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст.

**Ҳайати таҳририя:**
Ф.Раҳимӣ (раис), А.Муҳаммад, К.Олимов, Ф.Маҳмудов, А.Раҷабов.

Зери назари академик **Ф.Раҳимӣ**

Муҳаррири масъул – **К.Олимов**

Таҳияи матн аз ҳуруфоти форсии тоҷикӣ ба тоҷикии криллӣ аз тарафи Файзхоҷа Маҳмудов анҷом дода шудааст.

«Девони Аҳмади Дониш» аввалин бор аз нусхаи дастхате, ки дар ганҷинаи Институти ба номи Абӯрайҳони АИ ҶӮ маҳфуз аст, ба тоҷикӣ нашр мешавад. Ин бозёфти тоза армуғони пӯрарзиш барои муҳаққиқон ва ҳаводорони эҷодиёти асосгузори маорифпарварии халқи тоҷик мебошад.

© Душанбе, «Дониш» - 2020.

# БОЗЁФТИ ПУРАРЗИШИ АДАБӢ

Ба аҳли илму адаб комилан равшан аст, ки Аҳмад Махдуми Дониш аз симоҳои бузургтарини илму адаби тоҷикон ва асосгузори ҳаракоти маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна мебошад.

Ба ақидаи устод Айнӣ «Аҳмади Калла, чунончи осораш далолат мекунад, дар муҳити Бухоро ба инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ роҳбар ба шумор меравад». Аҳмади Дониш дорои тафаккури басе дақиқ ва амиқ буда, дар баёни бисёр масъалаҳо аз таҳлилҳои бевоситаи худ ба хулосаҳои илмӣ ва иҷтимоӣ омада буд. Ва чунонки устод Айнӣ таъкид кардааст: «... дар он овон дар Бухоро аз фикрҳои нав ва адабиёти ҷадида асаре набуд. Пас маълум мешавад, ки ин доҳии модарзод ҳамаи афкорашро аз ғайри талқини касе ва китобе, маҳз аз тадаббуру тафаккури худ маишат ва дунёро ҳосил кардааст». Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. Душанбе, 2010. Саҳ. 175.

Девони Аҳмад Махдуми Донишро, ки коршиноси мероси хаттии Китобхона ва Архиви миллии Узбекистон, донишманди нусхашинос ва муҳаққиқи дақиқназар Файзхоҷа Маҳмудов, ки аз байни дастхатҳои Ганҷинаи Институти Абӯрайҳони Берунии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, маҳфузбуда таҳти рақами 3679/2, кашф кардааст, дар воқеъ як падидаи хеле муҳим ва нодир ба ҳисоб меравад. Зеро то ба ҳол асарҳои мансур ва баъзе шеърҳои Аҳмад Махдум дастрас ва ба нашр расида бошанд ҳам, вале маҷмӯаи ашъораш ба аксари муҳаққиқон, нусхашиносон ва таҳиягарони осори ӯ маълум набудааст.

Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» аз осори назмии Аҳмад Махдум иттилоъ дода, вале «дар миён набудан»-и онро зикр кардааст. Ӯ дар ин бора навиштааст: «Аҳмадмахдум, агарчи ба ҳар муносибат ба тариқи рубоӣ, ғазал, қитъа ва қасида хеле шеър иншод карда бошад ҳам, бинобар аҳамият надоданаш, нусхаҳояшро ҷамъ накардааст, Баҳамин сабаб маҷмӯаи осори манзумааш дар миён нест. Ва чӣ

миқдор буданаш ҳам маълум нест, ба ҳар ҳол кам будани осори манзумааш аз мансурааш муҳаққақ аст». (Намуна, с.176).

Ҳамчунин худи Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» иттилоъ додааст, ки девони ашъори худро тадвин накардааст. Хушнудона, ашхосе будаанд, ки муътақиди афкору андеша ва пайрави ӯ будаанд ва аз паи тадвини маҷмӯаи ашъораш шудаанд. Маҷмӯаи ашъори Аҳмади Дониш, ки ба кӯшиши Файзхоҷа Маҳмудов ба расмулхати имрӯзаи тоҷикӣ, яъне ба кирилӣ, баргардон шудааст кори наҷиб ва хидмати қобили таваҷҷуҳ дар матншиносии адабиёти тоҷикӣ мебошад.

Ин маҷмӯа, ки «Девони Аҳмади Дониш» унвон дошта, дар 60 вараќи дастнавис, яъне 120 саҳифа дарҷ ёфта, мувофиқи ахбороти Файзхоҷа Маҳмудов аз варақи 85 [а] то 145 [б] –и маҷмуаи нусхаи хаттиеро, ки се асари гуногун дар он ҷойгир шудаанд, дар бар гирифтааст.

Ашъори дар ин «Девон» дарҷ шуда, ба қалами Муҳаммад Абдулҳафиз ном шахсе аз гузари Меҳтари Анбари шаҳри Бухоро будааст, ки онро моҳи шавволи соли 1297 ҳ.қ. (1880-и милодӣ) китобат карда будааст.

Вақте ашъори Аҳмади Донишро аз ин «Девон» мутолиа мекунем, чанд ҷиҳати ақида ва афкори ӯ равшан мешавад. Аввалан, ӯ дар истифодаи жанрҳои адабӣ побанди қолабҳои мустаъмал қариб, ки нест. Масалан, ҳаҷми ғазалвораҳои ӯ гоҳо хеле дароз ва баробар бо қасида мебошанд. Дуюм, бар хилофи шоирони гузашта, ба шеърҳои худ татаббуъ кардааст, ки як навъ навоварӣ дар услуби ғазалнигорӣ мебошад. Сеюм, ба баъзе бандҳои мухаммасҳо ҳатто мисраҳое илова мекунад, он банд ба мусаддас табдил меёбад ва хилофи қоидаи мухаммасбандӣ аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Аҳмади Дониш дар ҳар ҷое, ки фикреро ифода кардан мехоҳад, қоидаи маъмулро мешиканад.

Аз ашъори Девони ҳозир маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш бештар ба ғазал ва мухаммас таваҷҷуҳ доштааст.

Ба Ҳофиз бештар мухаммас бастааст, вале ба Бедил, Абдураҳмони Ҷомӣ, Имло, Нисорӣ низ мухаммас кардааст ва таваҷҷуҳаш аз ин кор ба интиқоди замон зиёдтар ба назар мерасад. Дар баъзе шеърҳои ӯ хулосаи ҷасуронааш, ки дар «Рисола ё таърихчаи амирони манғития» аз наздик омадани хунрезиҳо ва табаддулот хабар додааст, ба назар мерасад. Масалан, дар мақтаи як ғазалаш мегӯяд:

*Осудагӣ ба хотири Дониш намондааст,*
*Валлоҳу аълам аст қариб инқилобҳо.*

Таваҷҷуҳи хонандаи муҳтарамро ба муқаддимаи навиштаи Файзхоҷа Маҳмудов ва ашъори Аҳмад Махдуми Дониш маътуф дошта, таъкид мекунем, ки ин «Девон»-и тозакашф барои ошноии бештар ва беҳтар бо афкору осори ин бузургмарди таърихи адабиёт ва афкори сиёсию иҷтимоии халқи тоҷик боз як манбаи хуб хоҳад гашт ва иқтидори шоирии Аҳмади Донишро равшантар менамояд.

Маврид ба таъкид аст, ки кашфи Девони Аҳмади Дониш ва барои нашр дар Тоҷикистон пешниҳод шудани он самараи муносибатҳои неку ҳамсоягии ду мардуми бародари Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошад, ки ба туфайли кӯшишҳои ҷавонмардонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев таҷдид гардида, ҳар чи бештар таҳким хоҳад ёфт.

Нашри Девони Аҳмади Донишро, ки Файзхуҷа Маҳмудов омода кардааст ва аз тарафи мо то ҳадде тасҳеҳ ва таҳрир ёфтааст, як қадами умедбахш дар рушди ҳамкориҳои олимони тоҷик ва ӯзбек ҳисоб мекунем.

**Президенти АМИТ, академик Фарҳод Раҳимӣ,**
**академики АМИТ Кароматулло Олимов**

## АЗ ҶАҲОНОБОДИ МАЪНӢ НУСХАЕ ОВАРДАЕМ

(дар бораи дастнависи ба тозагӣ кашфгардидаи *"Девони ашъори Аҳмади Дониш"* аз ганҷинахонаи Институти шарқшиносии А. Берунии АФ Ӯзбекистон)

### Дебоча

*Ин нуктаҳоро то кист фаҳмад,*
*3-ин ғусса мурдам, гаштам ҳалоко...* (Дониш)

Ӯ баргузидае аз Бухорои шариф, аз донишварону аҳли биниш *Аҳмад ал-котиб ал-мусаввир ал-муҳандис ал-мунаҷҷим ас-сиддиқӣ ал-ҳанафӣ ал-мутахаллис ба Дониш* аст; Ӯ аввалин ҷавонмардест, ки пайиислоҳи низоми азҳамгусехта ва бо зулмату истибдод даромехтаи Бухорои қарни 19 қад алам мекунад ва бо *хомаи монитасвираш* мардумро ба савби савоби озодиву ободӣ, низоме одил фаро мехонад:

*Сурати ислоҳ дур уфтода аз таҳрири мо,*
*Хомаи Монӣ надорад тоқати тасвири мо*[1].

Агар, барои итминон ҳосил кардан ба шеър гуфтан ва қариҳаи мунҳасир ба фард доштани Аҳмад Дониш дар суханварӣ боби ҳаштуми *Наводиру-л-ваќоеъ "Дар сафорати Абдулқодирбек ва аҷоиби ҷашни Русия"*–ро бо диққат ва эҳтимоми тамом бихонем, пай хоҳем бурд, ки ӯ дар шеъру шоирӣ дасти дароз дошта, зиёда аз ин, бадоҳатан, бидуни тафаккуру таваққуфи зиёд шеър мегуфтааст: ... *мутарҷим бо мо мулоқот мекард ва аз ман мепурсид, ки охир агар шеъре бастаӣ, дар назар ор, то бинам, ки чӣ гуфтаӣ. Ман гумон кардам, ки мабодо маро имтиҳон кунад ва оҷиз ёбад... дар охир номи домод ва номи*

[1]Нусхаи хаттии №3679/2, Инст. шарқшиносии ба номи А. Берунии АФ Ӯзбекистон, барги 92 а.

*арӯс пурсидам. Гуфт: Алфред ва Морий ва Морий мухаффафи Марйам, исми духтари подшоҳи рус буда ва Алфред номи писари Ӯктур, ё маликаи подшоҳи Фаранг. Пас ҳар нуҳ ҳарфро ба аввали нуҳ байт мувашшаҳ намуда ба дасташ додам ва ин аст:*

*Моҳи бурҷи шараф, эй духти Шаҳи оламгир,*
*Кард бо Муштарии саъд қирон аз тақдир.*
*Ин на он ақди никоҳ аст, ки ақли даррок,*
*Ҳусни анҷоми варо кард тавонад тақрир.*
*Рангҳо ҷумла намуданд зуҳур аз ранге,*
*Нурҳо ҷумла гирифтанд бурун аз тастир.*
*Як ҷаҳон ҷамъ шуда ҳуру парӣ дар маҳфил,*
*Ҳама дар ҳусн сабоҳат ва дами бадри мунир.*
*Ин на он саъд бувад, дида бувад дар сад қарн,*
*Чашми анҷум зи хами тоқияи чарх сайир.*
*Лаби соқӣ зи майи лаъл шуда шаккаррез,*
*Чашми шоҳид зи карашма ба ҷигарҳо зада тир...*
*Фалак анбошта аз баҳри муборакбодӣ,*
*Зи савоқиб[2] ба сари халқ гуҳарҳои хатир.*
*Рафт овозаи ин базм ба ақтоъи[3] ҷаҳон,*
*Кард кар гӯши фалак ғулғулаи нойу нафир.*
*Дида бар қомати ӯ дид саводи таърих,*
*Худ куҷо рафт аз он қадди фатонат тахмир*
*(моддаи таърих-1870).*

*..пас ин таърихи навиштаамро мутарҷим ба лафзи русия мутарҷам сохта дар назари Подшоҳ гузаронид; бисёр истеҳсон намуд ва дар силаи (туҳфаи) он ангуштаре аз алмос ва тилло ... 34 дона ба вазни се мисқол, ирсол фармуд ва дар шаби арӯсии духтар моро дар маҷлиси ақд биталабид ва эъзози вофир намуд; як ҳафта дар Фетербурҷ ва се рӯз*

[2] Зару гуҳарҳои сурхи гаронбаҳо.
[3] Қитъаҳо

*дар Москув ҷашни фаровон фармуд  ва ба навъе дар ин тӯй шуъбада ва аъҷӯбатирозӣ  (ҳама аз аҷоибот) ба кор рафт, ки ақл ва муҳосиби фикр аз забту ҳифзи он оҷиз гашт”*[4].



***(тасв. 0127) вар. 119б, 120а.***

Ин саргузашти кӯтоҳ  ҳокӣ аз он аст, ки Аҳмад Махдум дар сурудани шеър табъи саршор дошта дар ин силк  гавҳарафшониҳо кардааст. Вале,ба қавле *“Маонӣ ҳар дам андар ҳарф  н-ояд,  Чу оби баҳр андар зарф н-ояд”,* чаҳорчӯбаи шеър барои ифодаи афкораш тангӣ карда ганҷинаҳои андешаашро бо насри зебо, шево ва пурмуҳтавотарин, аксаран мусаҷҷаъ, баён намуда, барои мо ба армуғ он мондааст.

[4] Китобхонаи Арки Бухоро (№703),   нусхаи аслии  аз тарафи Аҳмади Дониш навишта шуда.

Агар ба ашъори ҷадидан пайдо шудаи ӯ назаре умумӣ дошта бошем, равшан хоҳем дид, ки ағлаби чакомаҳояш оинадори афкору андешаҳои маорифпарварона, ислоҳотҷӯёна, эъмори ҷомеаи ботамаддун, макотиб ва мадориси ба тақозои замон посухгӯ, таълим ва тарбияти ҷавонони болаёқат, ватанпараст, инсондӯст ва амсоли инҳо мебошад, ки таҷассуми насрии он дар китоби *Наводиру-л-вақоеъ* дида мешавад:

*Қисса кутаҳ кун, ки рӯз охир шуду авқот рафт,*
*Мо мазо*[5] *бигзашт, ҳол аз ҳол шуд, офот рафт!*
*Шарҳи ҳоли худ бикардам арзаи соҳибдилон,*
*Хатм шуд Қуръону ҳарф аз сураву оёт рафт...*[6].

Вале фарёди ӯро зимомдорони султаи вақт намешунаванд, ӯро дар кунҷи инзивову танҳоӣ қарор медиҳанд, аз вуҷуди саршор аз фазлу маърифаташ меҳаросанд... ва ӯ бо сӯзу гудоз фарёд мезанад:

*Ин нуктаҳоро ҳар кас нафаҳмад,*
*Мурдам аз ин ғам, гаштам ҳалоко!*

*Мушаххасоти нусхаи дастнависи ашъори ба тозагӣ кашфшудаи Аҳмад Махдуми Дониш, ки дар ганҷурхонаи Институти Абӯрайҳон Берунӣ бо шумораи 3679/2 маҳфуз аст, ба ин тартиб аст. Дар ин дастнавис се асари манзум гунҷонида шудааст; девони нахустин ба Зуҳурӣ тааллуқ дошта баргҳои 1 б - 79 а – ро дар бар дорад; андозаи муқова: 15Х26см., андозаи матн:9Х17см., хат- настаълиқи зебои Бухоро. Дар ҷузъи саввуми ин дастнавис, ки... бо намунаҳое аз ашъори Аттор (152 б,) Ҷалолуддини Балхӣ (154а), Мавлавӣ Ҷомӣ (161а – 162а), Исмати Бухороӣ (156а) ва як ғазали бо жанри ширу шакар навиштаи Аҳмад Махдум низ нигошта шудааст:*

---

[5] Он чи гузашт.

[6]Нусхаи хаттии №3679/2, Инст. шарқшиносии ба номи А. Берунии АФ Ӯзбекистон, поёни вар.114б, 115а.

*Оғози мо ҳам аз туву анҷоми мо зи ту,*
*Минка-л-бидояту ва илайка – н- ниҳоято!*[7]
*Сад бор тавба карда шикастӣ, чӣ гуямат...*
*Мин "Тавбати-н-нусӯҳ" лака-л-истиҳолато.*
*Дониш кунузи фазл чӣ сон рӯ диҳад туро?*
*Анта-л-баъид... мо лака минҳо –л-аломато,(164 б).*

Ва ё мусаддаси тарҷеъбанди ӯ:

*Донишо, бо ҷоми май кун хатм кори хешро,*
*Об деҳ аз ҷуръаи май ҷӯйбори хешро,*
*Металаб аз нашъаи мино мадори хешро,*
*Дур кун аз сар ба тоси май хумори хешро,*
*Офарин созанд то риндони ноком ассалом,*
*То кунад Пири муғон сӯи ту пайғом ассалом! (165 а)*[8].

Дар оғози *"Наводир ул-вақоеъ"* Аҳмади Дониш аз котибони китобаш шикоят намуда мегӯяд, ки онҳо ин таълифоташро бо саҳву хатоҳои зиёд истинсох (нусхабардорӣ) карда, ҷоҳоеро ҳазф ва бар сафаҳоте низ аз худ иловаҳое нохушоянду нобарҷо ворид намудаанд. Аз ин рӯ тасмим мегирад, ки *"Наводир..."*-ро, ки беш аз 700 саҳ. аст, як бор аз ибтидо то интиҳо, худаш тозанавис кунад.

Дар поёни ин нусхаи қаламии ягона[9] ӯ худро чунин муаррифӣ мекунад: *"...тамом шуд тастир ва таълифи Аҳмад Махдум ибн ан-Носир ас-Сиддиқӣ ал-ҳанафӣ йавми чаҳоршанбе дар таърихи 17 шаҳри рабиъ-ул-аввали санаи 1298 ҳиҷрӣ...",*

Дар нусхаи дастнависи дигари ба қалами Дониш тааллуқ дошта *(Зиҷи Аҳмади Дониш),* ки муттассифона, пурра нест ва дар китобхонаи Абӯали ибни Синои Бухоро

---

[7] Оғозу анҷоми мо аз ту оғоз ва бо ту анҷом мепазирад

[8] Муқоваи сабзранги ҳунарӣ бо се муҳри тилоӣ 15,5 х26см., андозаи варақ 26х15, матн 9х19.

[9] Ҳамон Китобхона, дастнависи № 13943.

таҳти рақами 997 нигаҳдорӣ мешавад, китобдори дарбори Амир Олимхон китобу ному тахаллуси ӯро чунин зикр мекунад: *"Зиҷи Аҳмад Махдуми Калла (Дониш)"*[10]. Баҳори соли 2018 нависандаи ин сатрҳо бо гурӯҳи коршиносон зимни пажӯҳишҳои майдонӣ ба вилояту шаҳрҳои Ӯзбекистон бо ин нусхаҳо дидор доштам ва аз он замон то ин дам таҳқиқи ин китобҳо аз сар бадар намеравад...

Акнун, каме муфассалтар боз бармегардем ба тавсифи нусхаи қаламии девони Аҳмад Махдум: асари дуввум, нусхаи зебо ва бо камоли маҳорати хаттотӣ қаламӣ шудаи Девони ашъори Аҳмади Дониш буда, баргҳои 85 б - 145 б – ро ба эҳтиво гирифтааст ва дар маҷмӯъ аз 120 саҳифа иборат аст. Нусхаи ҳозир асосан, бо ғазалу қасидаҳо ва матлаъу ташбибҳои пурмаъно ва сипас мухаммасу дигар анвои шеърҳои тоҷикии Дониш ва ширу шакараш (муламмаоти тоҷикию арабӣ) ороста гардида, ҳар сафҳа ба ҳисоби миёнгин аз даҳ сатр иборат аст; ашъор дар ду сутун оварда шудаанд. Аз иттилои дар барги 79 б сабт гардида *"тамма фи шаҳри Шаввол фи санати алфин ва миатайни ва сабъатин ва тисъийн (1297ҳ.) аз тарафи каминаи камтарин Муҳаммад Аблулҳафиз дар балдаи фохираи Бухорои шариф дар гузари Меҳтари Анбар... "* бармеояд, ки ин дастнавис моҳи Шавволи (октябри) соли 1880 дар Бухорои шариф аз ҷониби котибе бо номи *Абдулҳафиз* китобат шудааст. Бояд зикр кард кард, ки Аҳмад Махдуми Дониш дар донишномаи боарзишаш *"Наводиру-л-вақоеъ"* таъкид кардааст, ки *ба ҷамъу тадвин кардани девони ашъораш напардохтаст...*

Ин амр баёнгари он аст, Аҳмад Махдум бегумон ашъори зиёде навиштааст; шояд девону манзумаҳои дигаре низ дорад, ки онҳо дар байни баёзу мунтахабу маҷмӯаҳо,

---

[10] Китобхонаи ба номи Абӯ Алӣ ибни Синои Бухоро, нусхаи қаламии № 997.

сафинаву чунгу амсоли ин гуна дастнависҳо дар ганҷурҳои Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои ҳамсоя маҳфузанд. Дастнорасӣ ба ин қабил нусхаҳо, садду мавонеи мутааддиди дигар роҳи таҳқиқ ро бастаанд ва ин гуна манобеи пояи илму адаби тоҷикро аз назари муҳаққиқин ба дур афканда[11].

Ба андешаи банда яке аз роҳҳои кашф кардани ашъору осори дигари ин бузургмарди илму адаби тоҷик, ҷустуҷӯи мӯшикофона, дақиқ ва пайваста дар баёзу сафина, ва мунтахаботи қаламии қарнҳои 19 ва 20 аст. Теъдоди баёзу даснависҳое, ки дар онҳо намунаи осори беш аз сад (ва аз он ҳам бештар) муаллиф нақл мегардад, дар ганҷинахонаҳои Ӯзбекистон ҳадду канор надорад. Дуруст аст, ки дар миёни анбӯҳи чунин китобҳо пайдо кардани таснифе аз Аҳмад Махдуми Дониш кори басе заҳматталаб аст... Вале муҳаққиқини мо набояд ин мавзӯи муҳимро нодида бигиранд. Надидан ва наомӯхтани китобҳои як чунин адабмарди илму фарҳангу таърихи дирӯзаи тоҷикон, лаб фурӯ бастан ва муаррифӣ накардани онҳо ба мардуми тоҷик, хосса ҷавонон, парда пӯшидан бар чеҳраи парерӯзаи илму адабу фарҳанги мост... дар ин масир мо бояд, ба қавли худи Дониш, *низоми таовун* ё ҳамкориҳои академии хешро бо ин кишварҳо, ба вижа Ӯзбекистон дар сутуҳи давлатӣ, коршиносона, академӣ ва бо сафарҳои таҳқиқии нусхашиносони моҳири тоҷик ба ин китобхонаҳо роҳандозӣ кунем. Шояд хонанда барҳақ саволе диҳад, ки чаро ин нусхаи ашъори дастнависи тӯли солҳои дароз аз назари муҳаққиқони дастнависшинос дур монда мавриди таҳқиқ қарор нагирифта аст?...

[11] Мисдоқи фикри боло, он тавре ки ишора шуд, асари саввуми ҳамин дастнависи №3679/3 *(баргҳои 146 а – 179 б)* аст, ки ба сурати *баёз* бо ашъори шуарои мухталиф, минҷумла як қасидаи Аҳмади Дониш низ, тадвин ва ороста гардидааст.

Ба ин савол банда, ба ҷуз бархе мавонеи расмие, ки пештар вуҷуд дошт ва ҳоло ба шарофати андешаҳои хирадмандонаи раҳбарони ду кишвари дӯст -Тоҷикистон ва Ӯзбекистон- ҳама дарҳои таҳқиқоти осори ниёгон боз аст, танҳо як посухи муҳимми дигар дорам, ки он ҳам *камбуд ва ё набудани нусхашиносони мутахассису бомаҳорат ва варзидаи мероси хаттии ниёгонамон аст.*

Таҷрубаи беш аз 30-солаи ин ҷониб дар ковишу ташхиси нусхаҳои куҳани арабиасос дар Институти дастхатҳои ба номи Ҳ.Сулаймонӣ, ганҷурхонаҳои Бухоро, Хоразм (Академияи Маъмун), китобхонаи Ичон-Қалъаи Хева, Қарақолпоқистон, Китобхонаи Абӯалӣ Сино, Донишгоҳ ва Арки Бухоро, махзанҳои қаламии Донишгоҳ ва Институти забонҳои хориҷии Самарқанд, Маркази Имом ал-Бухорӣ, Китобхонаи миллӣ ва ҳатто ганҷинагоҳи дар ҷаҳон машҳури Иститути шарқшиносии ба номи А. Берунии АФ Ӯзбекистон ва дигар китобхонаҳои хусусӣ, аз ҷумла ганҷинаи дастнависҳои шахсии шарқшиноси маъруфи Ӯзбекистон, бостоншиноси маъруф доктор Бобур Аминов ва дигар китобхонаҳои хусусӣ нишон медиҳад, ки беш аз 70 дар сади ин нусхаҳо омӯхта ва феҳристнависӣ нашудаанд; ҳатто рӯйхати оддии саҳеҳе надоранд... зиёда аз ин, дар баъзе аз феҳристу рӯйхатҳои мавҷудаи солҳои пешин навишта шуда номи асар, муаллиф, мавзӯъ, навъи хат, коғаз, таърихи китобат, котиб, музаҳҳиб, мусаввир ва амсоли ин маълумоти зарурии шиносномаи (паспорти) дастнавис, бо ғалату иштибоҳоти фаровон навишта шудааст. Баъзан номи асар бо он иттилое, ки дар феҳрист, ё варақчаи маълумоти умумии нусха дода мешавад, куллан фарқ мекунад... ва ё умуман дар бораи ин гуна санадҳои дар китоб мавҷуд будаи дастнавис маълумоте дода намешавад... Ба қавли Ҳазрати Хоҷа Ҳофиз:

*Салоҳи кор куҷову мани хароб куҷо...*

*Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо...*

Ин нобасомонӣ, ин воқеияти нохуш, ин ҳақиқати талхи сарнавишти ба фаромӯшӣ супурдашудаи дастнависҳои қадимии тоҷикӣ ҳеҷ касро ба изтироб намеорад, на дар Тоҷикистон ва на дар диёри ҳамсоягон. Табиист, ки ҳеҷ олими дастхатшиносе аз кишварҳои ҳамҷивор (ин нукта ба ҳама кишварҳои ҳамсоя тааллуқ дорад) парвои эҳё, ва дар мавриди зарурат тарҷума ва муаррифии китобҳои моро надорад, дар ҳоле ки мо худ нисбати сарнавишти сарчашмаҳои хаттии худ ва, ҳадди ақалл, шиносоии онҳо ба мардум, бепарвову фориғ болем. Олимони ҳамсоя кори дуруст ҳам мекунанд; агар дар дастнависи ба форсӣ-тоҷикӣ ва дар ҳамин сарзамин навишташуда (на дар Эрону, Покистону Афғонистону Ҳиндустону дигар мамолик) як варақ, ё як ҷумла ва ё як сатр роҷеъ ба таъриху илму фарҳанги худ маълумотеро ёбанд, он нусхаро аз ғирбол мегузаронанд, тарҷума мекунанд, ба мардумашон мешиносонанд; вале аз он ки муаллифи дастнавис зодаву парвардаи Мовароуннаҳр будаасту ба забони форсии тоҷикӣ асарашро навиштааст, сухане ба миён намеоранд, танҳо як қайди кӯтоҳе мекунанд, ки *"Рукопись написана на персидском языке "*. Дуруст аст, ки *"Рукопись написана на персидском языке "*, вале ҳақоиқ бар он далолат мекунад, ки аксари муалифони дастнавиҳои ба форсии тоҷикӣ навишташуда аслан ба Эрону Ҳинду Покистон сафаре накардаанд ва осори худро ба забони *тоҷикӣ* ва ё *форсии тоҷикӣ* навиштаанд. Таъбири рехтаву суфта ва аз нигоҳи академии шарқшиносони бузурги ҷаҳон пазируфтаи *“форсии тоҷикӣ” ё “форсӣ-тоҷикӣ” ё “тоҷикӣ”,* ки садсолаҳо мустаъмал буду ҳаст ва хоҳад буд, аҳёнан аз назари бархе аз *“феҳристнигорон”*-и имрӯзаи ҳамсоя дур мемонад. Ин қабил олимон барои

бароати худ ба як таъбир ва ё ҷумлаи басо бемаънӣ ва беасос чанг мезананд: *“чун дар он замон забони илму адаб, таърихи фарҳанг ва ҳукуматдорӣ форсӣ буд, ҳама ба форсӣ менавиштанду эҷоду ҳукуматдорӣ мекарданд”*. Вале аз ин нукта, ки барои ағлаби муаллифони дастхатҳои тоҷикии куҳан забони тоҷикӣ забони модариашон буду дар ҳамин Мовароуннаҳр зиндагӣ мекарданд ва ҳеҷ гоҳ Эрону Ҳинду Покистон ва ҷойҳои дигарро надида буданд, сухане, ҳадди ақалл ё ишорате ба миён намеоранд...

Лизо, мо бояд ва заруратан ба он анбӯҳи мероси хаттиамон, ки дар кишварҳои ҳамсоя маҳфузанд, бепарво набошем. Кӯшем, то роҳе дуруст, қонунӣ ва ҳамвореро бар рӯи ин ганҷинаҳои бузургони худ боз кунем ва дар пайи таҳқиқи онҳо бошем; музокирот, гуфтушунидҳо, қарордодҳо барои ба даст овардани, ҳадди ақалл, нусхаи электронии онҳо бояд кори ҳамешагӣ, нафақат дар сатҳи муассисаҳои илмиву фарҳангӣ, балки, дар вақти зарурӣ, давлатӣ бошад. Ашъори ба қарибӣ ёфтшудаи Аҳмади Дониш танҳо қатрае аз баҳри илму ирфони мост. З-ин рӯ, боястӣ камарҳои ҳиммат барбандем ва барои таҳаққуқи ин рисолати таърихӣ-эҳёи мероси хаттии худ гом бардорем; ин амр вазифаи ҳуввиятшиносии мост!

Нависандаи ин сатрҳо кӯшидааст то ашъорро ба-д-он тартибе, ки дар дастхат нақл мегардад, оинавор биёрад, то бакорату таровати дастнавис, сухани ноби Аҳмад Махдум маҳфуз бимонад. Дар дастнавис ашъор тибқи ҳуруфи таҳаҷҷӣ, яъне чун маъмул, батартиб, аввал бо қофияи ***алиф, бо, то*** ва то охири алифбо, оварда нашудаанд. Ин бар он гувоҳӣ медиҳад, ки котиб аз ҳаводорони холиси Аҳмад Махдум буда, ашъори ӯро тибқи писандиди завқи худ ва шояд аз китоби бузургтари дигари назмии Дониш, ки кофтану ёфтани он ҳам вазифаи виҷдонии мост, интихоб намуда

нусхабардорӣ намудааст. Чаро ки ғазалу қасоид, мухаммасоту қитъаву дигар анвои шеърӣ на ба як тартиби муайяни маъмул, балки бештар бо такя бар муҳтавиёти маънавии осор оварда мешаванд ва чунин нусхаҳоро мо *мунтахаб, гулчин* ва гоҳе низ *маҷмӯа* меномем. Фикри дар маҷмуа ҷойгузин шудани “Девони Аҳмади Дониш”-ро ҳамин нусхаи дастнависи №3679 –и ганҷинахонаи Абӯ Райҳон Берунӣ исбот мекунад: дар он ба ҷуз ин Девон *, “Девони Зуҳурӣ”* ва *“Баёз”*-и кӯчаке низ дар охири китоб, гунҷонида шудааст.

Дар тааммуқ ва мӯшикофии саноеъи маънавии сухан, сувари хаёл, дарёи донишҳои ҷомеъ ал-улуми Аҳмади Дониш дар арӯз, мусиқии сухан камтар пардохта шудааст, зеро ин амр басо муҳим буда, як ҷанбаи махсуси таҳқиқ, вазифа ва рисолати дигари адабиётшиносони мост.

Барои осонии дарки сухани шоир дар поварақ аксари вожаҳои душворфаҳм ташреҳ гардидаанд; нисбат ба бархе аз онҳо, бинобар он, ки шарҳу тавзеҳталаб нестанд ва хеле равон, содда, салис, фасеҳ ва ба ибороти хеле тоҷикона навишта шудаанд, аз шарҳу тавзеҳоти зиёдатӣ худдорӣ шудааст, то хонандаи нуктадон худ дар баҳри алфозу маонӣ ғаввосӣ кунад ва аз ин дарёи маърифат бо заҳмати худ дурру гуҳарҳои шоҳвор бароварад.

Ғазал, қасида, мухаммасот ва дигар анвои шеъри Аҳмад Махдум аз дигар суханварон фарқ дорад; ӯ, ҳатто вақте ки ба каломи Ҳофиз, Бедил, Ҷомӣ ва ғайра тахмис мебандад, пойбанди тақлид нест, озод аст; гоҳе низ ба ҷои сухани онҳо, гузинаи вожаи худро меорад; худаш бар ғазали худаш қасида, қитъа, фард меофарад; дар муламмаъоташ, ки ба арбию тоҷикӣ сириштааст, камоли донишу тасаллуташро ба ин ду забон медурахшонад.

Дар корбурди ороёҳои маънавию лафзӣ, тарзи баёни онҳо дар зарфи камзарфи сухан, бо суханварони бузурги адаби ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ ҳамсанг аст; дар ибрози маънӣ аз ҳама ҳамнавъони муосири худ пештозу пешравтар аст; масалан, ӯ мусалламан *“сабр”*-ро *“калиди хушнудӣ”* медонад, вале *сабри ҷаҳолатофарини тавъам бо тарсу танбалиро* зиндони тамаддуну маърифат ва орзӯҳо бармешуморад:

***Бесабрие, ки доштам охир натиҷа дод,***
***Инак маро расонд ба манзил шитобҳо.***
***Осудагӣ ба хотири Дониш намондааст,***
***Валлоҳу аълам аст қариб инқилобҳо.***

Ва низ ба-д-ин мазмун мегуяд:

*Қисса кутаҳ кун, ки рӯз охир шуду авқот рафт,*
*Мо мазо[12] бигзашт, ҳол аз ҳол шуд, офот рафт!*
*Кишти мо нопухта шуд сармояи мӯру малах...*
*Хирмани мо каҳ ҷудо нокарда бе ғаллот рафт...*

Ӯ, чӣ дар назм ва чӣ дар наср, худро *навтироз, навпардоз* номидааст:

***Наям Бедил, наям Ҳофиз, наям Саъдӣ, наям Ҷомӣ,***
***Ба ранги навтирозӣ медиҳад махзун конамро.***

Ва мардумро ба шустушӯи *чангу ғубори дил бо собуни илму маърифат* фаро мехонад:

***Дониш аз дил кай ғуборат мебарад ин шеваҳо,***
***Шустушӯе гар ҳамехоҳӣ, ба ин собун намо.***

Дар мавриди одоби хештандорӣ, ҳусни одобу ахлоқ дар мулоқоту зиёфатҳои расмӣ ва хусусӣ, хосса, вақте ки шахс дар кишвари дигар меҳмон аст, камоли ахлоқу одоби ҳамидаи дипломотӣ, инсониро ташвиқ мекунад:

***Агарчи хона васеъ асту мизбон хушдил,***
***Сабук нишастану бархост ҳусни меҳмон аст!***

---

[12] Он чи ки гузашт.

Оинавор *адлу зулм*-ро чун *гургу чӯпон* дар рӯ ба рӯи якдигар нишонда, бедодгариҳои дарбориёнро нисбат ба мардум фош месозад:

***Ту хоҳ адл куну хоҳ зулм, эй Дониш,***
***Иборатест, ки кофист гургу чӯпон аст.***

Аз беҳуда, бемаънигӯӣ, жожхоиҳо, кирдорҳои ношоиста шикоят мекунад; лабу гӯшу дасти мардумро пур аз ин гуна ҳарфу аъмоли ношоиста мебинад ва барои суханаш дар гӯши ин нохалафон як ҷои холӣ намеёбад:

***З-истимои қавли беҷо гӯши мардум мумталист,***
***Ҷои холӣ нест ҷо ёбад дар ӯ тазкири мо.***
***Мӯсии даврон шавӣ, ҳарфи ту кай созанд гӯш,***
***Мекашад охир замин ин ҷумларо Қоруннамо.***

Дар тору пуди вуҷуди Аҳмади Дониш ҳамеша хуни ҷавонмардӣ, футувват, ҷаҳду ҷадал ҷӯш мезанад ва онро самараи ҳаё, тавозуъ ва аз нишонаҳои имону боварӣ меҳисобад:

***Мечакад хуни футувват[13] аз ҷабинам рӯзу шаб,***
***Хондаам ҳарфи ҳаё аз дафтари хӯи Шумо.***

Ошкоро аксари аҳли чоплӯси он замони Бухороро *ҳезпарвард* хонда, ба ҷоҳилоне нисбат медиҳад, ки *фарзонаи озода*ро аз *ҳез* ва *шери нар* - ро аз *мода* фарқ намекунанд ва ҳар киро, ки ришу мӯйлаб дошта бошад, мард мехонанд:

***Ҳезпарварданд[14] аҳли ин замон аз тирагӣ,***
***Кай шиносанд з-ин миён фарзонаи озодаро...***
***Ришу сиблат ҳар киро диданд мехонанд мард,***
***Фарқ натвонанд кардан шери нар то модаро!***

Гоҳе низ ба Хоҷаи Шероз рӯ меоварад ва аз ӯ мадад мехоҳад, то Ҳофиз бо назари кимиёасараш бар ӯ бубинад, то шояд суханаш аз ин тариқ ба гӯши мардум бирасад:

[13] Ҷавонмардӣ.
[14] Ҳез-марде, ки аз таносул бо зан оҷиз бошад.

*Касе надорад аз ин гуфтугӯ хабар,* ***Ҳофиз,***
*Бикун ба* ***Дониши*** *бе болу пар назар,* ***Ҳофиз,***
*Ки аз забони ту хуш гӯяд ин шакар,* ***Ҳофиз,***
*Ҳасад чӣ мебарӣ эй сустназм, бар* ***Ҳофиз,***
*Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст!*

Қасидаи бо такрори радифи *"абас-абас"* - ӯ оинадори вазъи риққатбори илму фарҳанг, мушкилоти ҷомиа, такрорҳои қабеҳ дар илму адаб, маддоҳиҳои бутпарстонаи амиру вазир буда, гӯй ҳамин имрӯз низ моро ба он вомедорад, ки аз ин гуна тақлидкориҳо, ки офати пешрафту тараққист, бипарҳезем:

*Нон пухт дар тануриі риёзат нагашта гарм,*
*Акнун ки бар сарат табар омад, абас-абас.*
*Мардум ба як ғазал абаси чанд гуфтаанд,*
*Чун мо кӣ гуфта як ғазал-андар абас, абас*[15]*...*
*Ё Раб! Ту пардаҳо мадарон Рӯзи бозхост,*
*Афғони мо, ки пардадар омад, абас-абас...*
***Дониш*** *ҳанӯз тарки абасҳо намекунӣ,*
*Чандон ки мекунӣ, хабар омад, абас-абас...*

Воқеан дар замони Аҳмад Махдум аксари *"уламову шуаро"* олимон ва шоирони ҳирфаӣ буданд ва ҳунарашон ҳам ба ҷуз маддоҳӣ ва сутудани амирону мадҳу санои аъёну ашрофи ҷоҳил, кори дигаре набуд. **Ӯ** ҳаргиз иддаои олимиву шоирӣ намекунад, вале чун гоҳе ба сухани бархе аз онҳо менигарад, як мисраи сара, равону маънибаён, дархӯри дилу ҷон намеёбад:

***Дониш, туро ба шеър чӣ нисбат, вале магар,***
***Дорӣ зи мисраи дигарон чанд мунтахаб?...***

---

[15] "Абас"-ҳои дуввум, гоҳе ба маънои фош ва густурда омадааст; маънии байт ин аст, ки чун мо касе алайҳи абасгӯиҳо, абаскориҳо, такроркориҳои ноҳуш қиём накардааст.

Ҳавобаландӣ, фахру фухур аз обову аҷдоди гузашта, аз насабро, ки аксари мо тоҷикон имрӯз низ дар ин сароб гоҳҳо ғарқем, садди роҳи худшиносӣ, пешрафт ва эъмори ҷомеаи мутамаддин медонад:

***То тоҷи ифтихору ҳаво н-афканад зи сар,***
***Мард аз насаб куҷост шавад қобили ҳасаб***?...

Забони Аҳмад дур аз ҳар гуна хушомаду чоплӯсгӯиҳост; ӯ аз маддоҳиҳои бепоя дар *“фазлу дониш”*-и амире, хоне, волие, соҳибмансабе, ки ғолибан намунаи дурахшони ҷаҳолати Аморат будаанд, безор аст! Каломи ӯ ҳамвору мавзун, рангину дилнишин, пурмаъно ва басо тезу расост; на ҳар нотамому норасида тоби шунидани онро дорад:

***Чӣ сон фусурдадилон тоби ҳарфи мо оранд,***
***Забони тез, ки дорем, ҷои пайкон аст***!

Ӯ, агар гоҳе Бухороро манбаи илму ирфон хонад, гоҳи дигар онро мағоки зулмату ҷаҳолат, дучори накбату фалокат ва асири парешониву зиллат медонад; мардумро зуд, бо шитоб чашм аз хоби гарони ғафлат кушудан ва ба шоҳроҳи тараққиву адолат пайвастан ҳидоят мекунад.

Метавон гуфт, ашъори имрӯз ба даст расидаи Аҳмади Дониш як ҷузви кӯчаки афкори ӯ, оинадори бархе аз андешаҳои ӯ дар таълифоти насрияш, аз ҷумла, *“Наводиру-л-вақоеъ”,* мебошанд. Мусалламан Аҳмад Махдум ашъори дигаре низ дорад, ки бозёфти онҳо вазифаи виҷдонии ҳар як олим, равшанфикр, мардуми соҳибифтихор ва шефтаи мероси бузургғании гузаштагони худ аст.

**Дониш,** ҳазор бор туро суда карда чарх,
Хокат кунун зи сурмаи аҳли басар гузашт.

**Файзхоҷа Маҳмудов, коршиноси мероси хаттии**
**Китобхона ва Архиви миллии Ӯзбекистон**
**(25 марти с. 2020, китобхонаи Абӯрайҳон Берунӣ)**

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

# ҒАЗАЛВОРАҲО

***

## Илоҳо, ҳаминони дард кун оҳу фиғонамро

Илоҳо, ҳаминони дард кун оҳу фиғонамро,
Зи баҳри лутфи худ сероб кун теғи забонамро.
Ман он мурғам, ки гарму сарди оламро намедонам,
Ба зери боли лутфи хеш ҷо деҳ ошёнамро.
Сарамро фарш кун дар атбаи худ тахти ин гардун,
Зи ҳиммат ҳамдами арши барин кун остонамро.
Дар анбори вуҷудам ҳаббае[16] ҳосил намебинам,
Зи дони макрамат[17] пур дор роҳи Каҳкашонамро.
Фалакро чанд боки лутфи пинҳонист медонам,
Аз ин рӯ чатри давлат карда бар сар осмонамро.
Зи зулфи тобдори худ Қамар дар Ақрабам дорад,
Ба заҳри сабр ширин карда коми нотавонамро.
Биё **Дониш**, ба ҳар ранге, ки бошад хоҳиши фазлаш,
Ба лавҳи фитрати худ нақш фармо достонамро.

***

[16] Донае.
[17] Саховат, эҳсон.

**Эй тамошогоҳи хубон тоқи абрӯи Шумо**

Эй тамошогоҳи хубон тоқи абрӯи Шумо,
Нест моро тоқате бе дидани рӯи Шумо.
Судаи алмосро бар захми мо марҳам ниҳед,
Хунбаҳои мо нигоҳи чашми ҷодӯи Шумо.
Чашми он дорем аз баҳри Худо афзун кунанд,
Дарди моро эй табибон, ҳаққи дорӯи Шумо.
Хуни мо бар гардани боди сабо хоҳад шудан,
Гар димоғи мо шавад маҳрум аз бӯи Шумо.
Аз сари бунёди ғам бигзаштани мо дур нест,
Гар ба мо ёрӣ кунад як лаҳзае хӯи Шумо.
Ҳирзи[18] мо аз бӯсаи лаъли лабе таъйин кунед,
То яке девона созад чашми ҷодӯи Шумо.
**Дониш** аз гарданкашӣ ҳаргиз намеёбад халос,
То замоне хок гардад бар сари кӯи Шумо.

***

[18] Баҳра ва насиб; тӯмор.

## Татаббуъ бар ғазали худ

Қотили моро набошад ҳеҷ ғам аз қатли мо,
Хунбаҳои мо бувад афканда аз кӯи Шумо.
Эй фарангизода, ороме надорад ин ғариб,
Рӯзу шаб ҳар ҷо равад бе холи ҳиндӯи Шумо.
Софтинатро ғами даврон намебошад ба дил,
Ғайри мо дигар ғуборе нест дар кӯи Шумо.
Бе мадоро зери чархи бесутун натвон ғунуд,
Оби ширин меравад имрӯз дар ҷӯи Шумо.
Ҷодаи ушшоқ аз қатъи тариқ осуда аст,
Мегурезад дев аз бонги ҳаёҳӯи Шумо.
Мечакад хуни футувват[19] аз ҷабинам рӯзу шаб,
Хондаам ҳарфи ҳаё аз дафтари хӯи Шумо[20].
Ҳусни Юсуф ҳам ба мизони Зулайхо кам набуд,
Нест ин ҷо ҳеҷ ҳамсангинтар аз рӯи Шумо.
Қулзуми ғамро ба маҷнунон набошад дастрас,
Ҳеҷ обе ғайри шодӣ нест дар ҷӯи Шумо.
Ҳеҷ дар хотир намебошад таманнои дигар,
**Дониши** бечораро ҷуз дидани рӯи Шумо.

***

[19] Ҷавонмардӣ.
[20] Дар болои сатр: Хурдаам оби ҳаёт аз чашмаи ҷӯи Шумо. Хондаам мувофиқ аст, зеро ҳарфу дафтар, ки омадааст, хонданро тақозо мекунад. К.О.

## Гул дар чаман зи рӯи ту дорад ҳиҷобҳо

Гул дар чаман зи рӯи ту дорад ҳиҷобҳо,
Бардор баҳри хотири булбул ниқобҳо.
Майхонаро зи рӯи ту аз бас тароват аст,
Дар хок рехт аз дили мино шаробҳо.
Абрӯи ёру моҳи нав аз баски ҳамсаранд,
Печида аст бар сари чарх ин танобҳо.
Кокул илоҷи мастии дилҳо намекунад,
Холи лаб аст гӯшаи абрӯ кабобҳо.
Девонаро чӣ ҳоҷати маънист дар сухан,
Ошуфта аст аз дили Маҷнун китобҳо.
Аз оби беҳисоб замин то ба осмон,
Гиранд рӯзи ҳашр зи чашмам ҳисобҳо.
Бемори масти чашми туро дидаанд аз он,
Дилҳо харобҳову ҷигарҳо кабобҳо.
Сели сиришк меравад аз дил ба сӯи чашм,
**Дониш** ба рух давида ба ранги ҳубобҳо.

***

## Татаббуъ бар ғазали худ

Боди сабо расонд магар рафтани туро,
Гул то ба сабза карда чаман ҷома хобҳо.
Баҳри Худой, бар дили бечорагон мапеч,
Зулфи турост тоқати ин печутобҳо.
Аз файзи субҳу дарди шабу нури офтоб,
Ҳар лаҳза мешавад ба дилам фатҳ бобҳо.
Эй нозанин, чи ҷои тамошои гулшан аст,
Гул дар чаман куҷост ба-д-ин обутобҳо.
Аз дил суроғ и мо чӣ кунӣ ҳар замон, ки дил,
Аз хеш меравад ба сарам ин хитобҳо.
Лофи камол мезанад аз нотамомияш,
Зинҳор ташнагӣ наравад з-ин саробҳо.
Фарзонаро чӣ ҳоҷати ташвиш додан аст,
Зулфи ту дар хаёл диҳад печутобҳо.
Сабраш ба ҳад расидаву тоқат шудаст тоқ,
Бишкаста тори чангу шикаста рубобҳо.
Бесабрие, ки доштам охир натиҷа дод,
Инак маро расонд ба манзил шитобҳо.
Чун атр ёдгор бимонад ба кокулаш,
Аз чашми ман ба шиша кашад ин гулобҳо.
Осудагӣ ба хотири **Дониш** намондааст,
Валлоҳу аълам аст қариб инқилобҳо.

***

## Илоҳо, ҳамдами таъсир кун оҳу фиғонамро

Илоҳо, ҳамдами таъсир кун оҳу фиғонамро,
Ба гулзори муҳаббат ҷой деҳ сарви равонамро.
Ман ин афсона сар кардам зи фазлат, баски нодонам,
Зи шавқат пухта кун, магзор хом ин достонамро.
Қабули хотири халқ аст хомӯшиву нодонӣ,
Аз ин гуфторҳо душман магардон дӯстонамро.
Дар ин маҳфил ба ранги буҳавас зулматкамин магзор,
Мунаввар соз аз нури яқин шамъи камонамро.
Дуое мкунам эй дӯстон, омин талаб дорам,
Паси астори[21] иззат ҷой гардон дудмонамро.
Ба як лутфе, ки кардӣ, сар ба сар ҷону дилам бурдӣ,
Ба роҳат бохтам, маъзурам, акнун хонумонамро.
Китобамро ба дасти рост деҳ ҳар гаҳ ки бархонам,
Супурдам бо камини иззатат ҳирзи амонамро.
Қалам то чанд созад шӯхрафторӣ дар ин Мусҳаф,
Ба Бисмиллоҳу ҳамдат хатм кун Қуръони ҷонамро.
Маро дилдорие деҳ аз камоли лутфу эҳсонат,
Зи шавқат хурраму хуш дор гулзори ҷинонамро.
Хами абрӯи дилбанде, ки дӯзад тири мижгонро,
Фароҳам соз захми синаву пайванди ҷонамро.
Ба хонам рез неъматҳои алвон бе каму бе кост,
Мадеҳ бо гиряи нафси дағал лабҳои нонамро.
Хуморолудаам аз ҷоми ирфони ту ҳар соат,
Ба комам рез шарбатҳои гуногун баёнамро.
Гулоби шишаи ирфон ба коми ман гуворо кун,
Зи мағзи ҷуди худ пур кун димоғи заръи[22] ҷонамро.

[21] Сатрҳо, парҳезкориҳо.

Забони аҷзам аз таҳрири ҳамдат нуқсҳо дорад,
Куҷоҳо мебарам то аз қабулат имтинонамро.
Надорам бок агар дастам шавад кӯтаҳ зи домонаш,
Макун кӯтоҳ дар шарҳи камоли худ баёнамро.
Ба вақти шарҳи ҳарфи дӯстон гоҳи суханронӣ,
Расоӣ деҳ зи фазли худ забони тарҷумонамро.
Диламро махзани асрори худ кун аз камоли худ,
Кушоиш деҳ ба мифтоҳи карам муҳри забонамро.
Дар ин бозор шахси муштарӣ маъдум мебинам,
Харидоре намо аз лутф гавҳарҳои конамро.
Дар ин мазраъ шудам розӣ ба тақсиме, ки донистам,
Ки аз рӯзи азал якдаста кардӣ деҳқонамро.
Азизам, аз мақоми бекасиҳоям чӣ мепурсӣ,
Магар анқо намояд бо ту роҳи ошёнамро.
Қабули хотири мардум шудан мушкил бувад **Дониш,**
Қабули хеш гардон ноқабулиҳои шонамро.

***

[22] Киштзори ҷон.

## Ҳой-ҳойе дорад охир ишқи шӯрангези мо

Ҳой-ҳойе дорад охир ишқи шӯрангези мо,
Кас ба майдон во намеояд паи истези мо.
Ҳола[23] андар гирди моҳи рӯи ӯ беваҷҳ нест,
Ҳеҷ оромӣ надорад дидаи хунрези мо.
Арсаи даврон надорад ҳеҷ ҳайрат, ғайр аз ин,
Чанд мазмуне ба даст орад зи табъи тези мо.
Хунбаҳои ошиқон з-он Шаҳ нигоҳе беш нест,
Фикри Фарҳоди маро Ширин кунад Парвези мо.
Хоназоди ишқро аз неку бад парво куҷост,
Аз азал ишкастаанд ин косаи парҳези мо.
Афсари шоҳон надорад ғайри сарафкандагӣ,
Эй сабо, аз мо расон бо ҳазрати Чингизи мо.
Офати даврон магар моро ба кунҷе ҷо кунад,
Ҳеҷ касро нест тоқат бо нишасту хези мо.
Мо намебинем дар худ изтиробе ҳеҷ вақт,
Кай кунад таъсир бо мо оҳи дардангези мо.
**Дониш** аз омодагӣ парво надорад субҳу шом,
Оламе асрор созад пунбаи гулрези мо.

***

[23] Гирдогирди рӯи моҳ; нуре, ки наққошон гирдогирди чеҳраи муқаддасон мекашанд (Фарҳанги ҷомеи фарзон, ҷ.2.-С.2785).

## Осмон то накунад ҳеҷ қароре пайдо

Осмон то накунад ҳеҷ қароре пайдо,
Ки кунад баҳри дили мо сару коре пайдо.
Ғами айём махур, сар ба сар осуда нишин,
Оқибат хоҳад шуд роҳгузоре пайдо.
Даст бардоштан аз кӯю макон осон нест,
То кунад ошиқи саргашта нигоре пайдо.
Дили вайрони маро кист, ки обод кунад,
Ин чаманро набувад абри баҳоре пайдо.
Ҳалқаи зулфи бутон доми дили шайдоист,
Сарбасаҳ розадагонрост шикоре пайдо.
Қомати хамшудаи мо накунад майли қиём,
Заъфдилро шуда имрӯз мадоре пайдо.
Хоки мо мегузарад аз сари иқболи ҷаҳон,
Нест осудатарам синафигоре пайдо.
Дил ба хун ғӯта заду қимати лаъле гул кард,
Ин таманно шуда дар ҳар сари хоре пайдо.
**Дониш** аз тарки ҷаҳон ҳоли ту осуда нашуд,
Беҳтар он аст кунӣ лолуъзоре пайдо.

***

## Татаббуъ бар ғазали худ

Эй ба зери фалакат нест мадоре пайдо,
Ҳар қадар роҳ равӣ, ҳаст ғуборе пайдо.
Андар ин базм чу бе нашъа нишинӣ хуш нест,
Май хуру бода кашу соз хуморе пайдо.
Лола аз саркашии хеш ба дил дорад доғ,
Хам шаву зери бағал соз аноре пайдо.
Чашми хунбори ман аз гиря куҷо осояд,
Кай дар ин баҳр бувад ҳеҷ каноре пайдо?
Зарра аз ҷилваи хуршед фаройиш дорад,
Ошиқ онро набувад ҳеҷ шуморе пайдо.
Дил зи каф додани ушшоқ бувад ақди тамом,
Теғи моро набувад ҳеҷ хиёре[24] пайдо.
**Дониш** он вақт, ки аз себи биҳишт таъмидӣ[25],
Ҷурми моро набувад ҳадду каноре пайдо.

***

[24] Ихтиёре.
[25] Чашидӣ.

## Омадӣ, ором шуд дилҳои бееоромро

Омадӣ, ором шуд дилҳои беоромро,
Шод кардӣ аз карам ин хастаи нокомро.
Он қадар муштоқи гуфтори туям аз ташнагӣ,
Худ ба ҷои лутф дорам хории дашномро.
Қайсар аз қасраш нагун уфтад, ниҳебе[26] нашнавад,
Чӯб бар сар бишканад аз ҳастият Баҳромро.
Душман аз хавфат агар дар санги хоро ҷо кунад,
Шишаи бахташ чу сангат бишканад бодомро.
Ханҷар аз дасти адӯ аз бехудӣ уфтад ба хок,
Аз ниёми қаҳр агар берун куни қамқомро[27].
Шӯхии чашмат агар дар ҷӯш орад синаро,
Зери по гирад даруни хона саҳни бомро.
Гар маи лутфат гаҳе дар хотири мо ҷо кунад,
Мепазад ҳар лаҳза дар дил сад хаёли хомро.
Гар тақозои талаб дорад зи мо абри карам,
Вом созад аз гадо дастури мо ибромро.
Шавқи мо афсурда шуд аз толеи носози мо,
Чанд бе оташ пазам ин ваъдаҳои хомро.
Аз паи ташҳизи[28] хотир чанд байте гуфта шуд,
В-арна кай сайде фитад ин доми бе анҷомро.
Аз тамаъ ҳаргиз наёсояд касе дар зери чарх,
**Дониш** аз дил дур кун ин риштаи авҳомро.

***

[26] Фарёде.
[27] Ханҷар; амре бузург.
[28] Талаб ва дархостани чизе бо пофишорӣ ва таскин.

## Он қадар дурам зи лутфу марҳамат, чун дам занам

Он қадар дурам зи лутфу марҳамат, чун дам занам,
Толее дорам наярзад хории дашномро.
Талхком аз бахти ноҳинҷори худ ҳастам, чунон-к,
Ҳалқи кас ширин нагардад хӯрд агар ҳалвомро.
Дар шаҳодатгоҳи имкон кист то ёбад амон,
Захми тири ҷонгудози абрӯи Баҳромро.
Хасмро дил аз ниҳебат пора гардад дар масоф[29],
Аз ниёми хашм агар берун кашӣ қамқомро.
Хирагӣ кардам, нашуд мақсуд ҳосил, лоҷарам,
Аз қаноат ҳар замон ҳосил кунам икромро.
Дар зуҳуру дар бутун якранг бо неку бадам,
Кай ҷудо созам зи имон маънии исломро.
Нестам муллову шоир, ҳам на маънипарварам,
Андар ин иқлим охир чистам афҳомро?.
Хоҷа аз ҳиммат надорад ҳеҷ кӯтоҳӣ, вале,
Толеи мо баста дорад мунқизи инъомро.
Ҷавзу лавзу пиставу бодом дар ҳукми шумост,
Дур набвад гар карам созанд ин нокомро.
Гар ба маҳзи фазли худ лутфе кунад, набвад муҳол,
Нестам фозил, ки то даъво кунам инъомро.
Шоҳ кутоҳӣ намеорад зи ҳиммат **Донишо,**
Толеи мо баста дорад мунқизи инъомро.

***

[29] Ҷанг.

## Ё Ҳаётаддаҳр, лутфе бо мани маҳзун намо

Ё Ҳаётаддаҳр, лутфе бо мани маҳзун намо,
Чеҳраи лайливашон бо дидаи Маҷнун намо.
Фикри мо дар ин диёр аз маслиҳат берунтар аст,
Хайрбодат мекунам, акнун раҳи ҳомун намо.
Ҳикмати беҳикматӣ охир туро дар хок бурд,
Корам аз ҳикмат гузашт, эй хок Афлотун намо.
Баҳри Уммон дар талотум, толиби дидор нест,
Дидаи моро ба ӯ аз соҳили Ҷайҳун намо.
Хокро дар бениёзиҳо ба мо хотир хуш аст,
Баҳр агар ғайрат барад, бар мо дари макнун намо.
Тӯтиёи дидаи ибрат ғубори мо нашуд,
Зуд бархез, эй ҷунун, бо мо раҳи Маҷнун намо.
Сар ба ҷайби фикр кун, файз аз дили хомӯш бар,
То яке з-ин нағмаҳои дур аз Қонун намо.
Шоҳидон аз қасри Заҳҳокат тамошо мекунанд,
Хешро болотар аз Кайвони Афридун намо.
То ба кай дар зери бори миннати Золи фалак,
Дасти худ кӯтоҳ аз домони ин хотун намо.
Мағзи бемағзӣ димоғ атро ба ҷӯш овардааст,
Рав сабӯсу гандуми худро ба ин тоҳун намо.
Гул чӣ парвои ту дорад, булбулон-ш аз пешу пас,
Сайри ин гулшан ҳавас дорӣ, диле пурхун намо[30].
Ҷазбаи ин шарбати талх аз дили худ дур кун,
Завқи тарёк он кӣ дорад, ҳуққаи афюн намо.
**Дониш** аз дил кай ғуборат мебарад ин шеваҳо,
Шустушӯе гар ҳамехоҳӣ, ба ин собун намо.
Мӯсии даврон шавӣ, ҳарфи ту кай созанд гӯш,
Мекашад охир замин ин ҷумларо Қоруннамо.

---

[30] Таъбироти охири мисраъ "диле пурхун намо" дар ҳошияи дастнавис омадаанд. Ф.М.

## Ғазалвораи “Ислоҳот”

Сурати ислоҳ дур уфтода аз таҳрири мо,
Хомаи Монӣ надорад тоқати тасвири мо.
Мо гуноҳи худ ниҳон то кай кунем аз чашми халқ,
Муҳтасиб то кай кашад ташвир аз тазвири мо.
Зоҳид ар парҳез кард аз суҳбати мо, дур нест,
Бӯи хамри маъсият меояд аз тахмири мо.
Ғайри бигзаштан зи ғайру ганҷи беҳад ёфтан,
Доруи дигар надорад ғайр аз ин иксири мо.
Ғарқаи дарёи раҳматро чӣ бок аст аз гуноҳ,
Мегурезад як тараф тавфиқ аз тазкири мо.
Пардаи лутфи азал моро ба сар афкандаанд,
В-арна ҳар дам муҳтасиб хоҳад кунад таъзири мо.
Чун камон қомат хамиду қуввати бозӯ намонд,
Бар ҳадаф ҳаргиз наёмад рост яксар тири мо.
Нақши ҳиммат нест пайдо дар ҷабини ҳеҷ кас,
Зердасти ҳирс мебошад ҷавону пири мо.
З-истимоъи қавли беҷо гӯши мардум мумталист,
Ҷои холӣ нест ҷо ёбад дар ӯ тазкири мо.
Гуфтугӯи мо зи ҳад бигзашту хомӯшем мо,
Сатр дар сатр аст ёрон пардаи ташҳири мо.
Давлати сармад ба нақши фақр тавъам будааст,
Қомати хам дур кай созад зи қолу қири мо.
Този бесозӣ зи мо дар пардаи бедардиҳо,
Нолаи мо дур уфтодаст аз таъсири мо.
Ҳеҷ касро дасти қудрат нест бар девонагон,
Гар Сулаймон аст, оҷиз ояд аз тасхири мо.
Ҳеҷ кас бар мунтаҳои кори мо огоҳ нест,
Чун Сикандар зулмате дорад зи пай танвири мо.
Мо зи саргардонии худ сар ба сар дар ҳайратем,
Ҳеҷ дасторе нашуд ҳосил ҳам аз таквири мо.

Сар ба сар санҷида сар то пои мо зуннори ишқ,
Эй мусулмонон, чӣ ҳоҷат баъд аз ин такфири мо.
Иззату хорӣ ба як вазн аст дар мизони фақр,
Эй азизон, нест лозим он қадар тавқири мо.
Қилу қоли ҳар ду олам назди мо як нукта аст,
Нашъаи тавҳид даркор аст дар таксири мо.
Умр бигзашту нашуд осори файзе мункашиф,
Нолаи мо баски дур уфтод аз таъсири мо.
Гул ба ҳар ҷо ханда зад ӯро хазони ваъзи туст,
Умри кутоҳе, ки мо дорем бошад Пири мо.
Ҳеҷ фарқе нест дар бозори маънӣ халқро,
Дар баҳо бошад баробар арзану анҷири мо.
Хоҷа аз аҳволи (мо) ҳарчанд агар огоҳ нест,
Ин қадар донад, ки обе нест андар шири мо.
Мо ситампрарвардагон бо маҳди роҳат кай расем,
Ояд аз пистони гардун хун ба ҷои шири мо.
Ҷаҳд дар инкори мо созед, эй вомондагон,
Дилнишин уфтода аз таърифи мо танкири мо.
Ғарқаи дарёи раҳматро чӣ бок аст аз гуноҳ,
Мегурезад як тараф тавфиқ аз тазкири мо.
Ҳиммати мо ҳеҷ касро баски мустағнӣ накард,
Мекунад тақтир истиқроз аз табзири мо.
Чун ба девору дари бе пову сар дилбастагӣ...,
Дар харобӣ бештар рӯ мекунад таъмири мо.
Дар дуои хайри мо ҳаргиз касеро ҷаҳд нест,
То куҷоҳо во расад овозаи такбири мо.
Шарҳи мастӣ дар дабиристони мо маълум нест,
Лафз бо маънӣ баҳам печида дар тафсири мо.
Нест нуқсоне ба олам дар вуҷуди мо, ки нест,
Бас зи по уфтода дасти қудрати тақсири мо.
Тифли ашкеро, ки парвардам ба хуни дидаам,
То чӣ пеш омад, ки шуд охир гиребонгири мо.
Ваҳшатандӯз аст атвори қаландармашрабон,
Вазъи моро кас намехоҳад шудан ҷогири мо.

Меваи ин **Дониши** мо сар ба сар афсурдагист,
Тозагӣ ҳаргиз набошад дар ҷавон то пири мо.
Зоҳид ар парҳез кард аз суҳбати мо дур нест,
Бӯи хамри маъсият меояд аз тахмири мо.
Ҳеҷ касро қуввати ҳамсанги мо рафтан намонд,
Мушкил уфтодаст шарҳи ояти тайсири мо.
Аз ҷаҳонободи маънӣ нусхае овардаем,
Бартараф шуд Қандаҳору Кобулу Кашмири мо.
Ғайри нуқсоне, ки аз мо дар вуҷуд ояд ба умр,
Рӯзи маҳшар дар қиёмат кист домангири мо.
Бехабар пое, ки дар ҳар ҷо ниҳодем аз ҳавас,
Зарраи мақсуди мо бошад ба по занҷири мо.
Хоҳ сӯзад, хоҳ созад бандаи дармондаро,
Дар ризои дӯст бошад сар ба сар тавқири мо.
Дар ҳарамгоҳи вафо баҳри халоси дигарон,
Домро вобаста медорад ба худ нахҷири мо.
Аз камоли лутф агар дорӣ сари таслими мо,
Дар назар чун шер меояд туро қитмири мо.
Гӯшаи чашме агар аз лутф сӯи мо кунӣ,
Кори шерони ҷаҳонро мекунад қитмири мо.
Гарчи қудрат нест моро боли аҷзе мезанем,
Дар раҳи Мавлост доман чидану ташмири мо.
Ҳиммати мо ҳеҷ касро баски мустағнӣ накард,
Вом мехоҳад кунад тақтир аз табзири мо.
Умрҳо сарфи талаб кардем андар роҳи ҳақ,
Дар нишон ҳаргиз наёмад **Дониш** охир тири мо.

***

## Муноҷот ба даргоҳи Қозиюлҳоҷот
(бо истифода аз санъати лафзии “Ширу шакар”)

Камтар атоят бар банда Поко!
Рӯҳу равонам бодо фидоко!
В-ақзиф риҷоак фи қалби ъабдик,
В-ақтаъ риҷоий, ъамман сивоко!
Лутфи ту бо мо аз ҳад фузун аст,
Ё ман ладайно фазлу атоко!
Номаш Карим аст, фазлаш азим аст,
Бахшад аҷаб нест, ҷурму атоко.
Ҳар неку бадро бошад сазое,
Ҳозо би ҳозо, зоко би зоко!
Ратбуллисонем аз ҷоми фазлат,
Вирди забон аст мадҳу саноко!
Мӯсии Имрон бигрехт аз хасм,
Овард бар мо биляд асоко!
Юнус ба Мавсул гардид мурсал,
Мин маҳзи фазлик баъдал ҳалоко!
Юсуф ба зиндон чун хок биншаст,
Аз гарди туҳмат гардид поко!
Ишқи Зулайхо охир асар кард,
Шобат шабобан баъдал фаноко!
Мар зоти ҳақро тавъан бикардӣ,
Шавқан фаъалта мо иштаҳоко!
То кай зи душман хоиф нишинӣ,
Аллоҳ якфик ирфаъ ливоко!
Дар гӯши ибрат ҳаргиз накардем,
Ҳарчанд хондем мин “Ҳал атоко”!
Ҳоруту Морут нақле, ки доранд,
Авҷид китобан, ҳиссак ҳаноко!
Ғарқи маконем, маҳви замонем,
Дигар надонем “Айну мато”-ко!

Дар бандагиҳо коре накардем,
Ҳабно шафиъан би-л-Мустафоко!
Моро саодат бар сар набудӣ,
Кай уммати ӯ кардӣ Худоко!
Фарзанди қобил берун наёяд,
Аз ҳукми волӣ, аҷбил ҳудоко!
Ин нуктаҳоро ҷуз ман кӣ гӯяд,
Рав муғ танам дон, мулло-коко!
Ҳофиз наям ман, Ҷомӣ каям ман?
Дар роҳи маънӣ уфтода хоко![31]
Хатм аст бар мо ширинмақолӣ,
Медон ғанимат, кам кун такоко!
Нодону гӯле дар рӯи арзанд,
Дар зери хоканд аҳли наҳоко!
Ҳар дам зи килкам дурдона резад,
Дигар надонам нуру зиёко!
*Мадҳи ту гӯям ъурбан ва ъаҷман,*
*Назман ва насран ҳамду саноко!*
Шукрона дорам бо гарму сардат,
Чандон ки дидам сайфу шитоко
Ширинзабонӣ хатм аст бар мо,
Баҳри нишоне, хуз, хуз ҳазоко!
Хусрав куҷо шуд, Ширин чиҳо шуд,
Фарҳоди бедил зад тешаҳоко!
Ку Ёфису Ҳом, ку Рустаму Сом,
Кӯ пухтаву хом, гаштанд хоко!
Ин нуктаҳоро ҳар кас нафаҳмад,
Мурдам аз ин ғам, гаштам ҳалоко!
То кай тағофул, эй марҷаъи-л-кулл?...
Гоҳе нигоҳе, унзур илоко!
Ғарқи маконем, маҳви замонем,
Дигар надонем, "Айну мато"-ко!

[31] Дар болои сатр: "*як мушт хоко" омадааст. Ф.М.*

Ҳар дам ба ёдат дурдона резам,
Шояд ки рӯзе созам фидоко!
То кай зи душман хоиф нишинам,
Аллоҳ якфик, ирфаъ ливоко!
Ҳарчанд гӯям охир надорад,
Кӯтоҳ кардам тӯлу мадоко!
Кӯ Одаму Нӯҳ, кӯ Хотиму Рӯҳ,
Онҳо надиданд, кайф интаҷоко!
Мулки Сулаймон додам ба мӯре,
Кардам мукофот ъурси сабоко!
Садди Сикандар аз назм бастам,
Сайре намудам мин ҳайиноко[32] .
Фағфури Чинро чинӣ шикастам,
Бо Қайсари Рум бурдам садоко!
Бо гӯши ибрат исғо накардем[33],
Ҳарчанд хондем мин "Ҳал атоко"!
Дуздони раҳзан андар каминанд,
Ё Соҳиба-л-ъайн, устур тилоко!
То кай гурезӣ аз ҳукми Мавло,
Охир чӣ созӣ явму-л-бақоко?.
Аз ман нишоне з-ин беҳ чӣ монад,
Ҷавлан ғарибан, хуз-хуз ҳазоко!
Ҳарчанд моҳӣ, дар авҷи шоҳӣ,
Гоҳе ба ёд ор ин мубталоко!
Ин нуктаҳоро то кист фаҳмад,
З-ин ғусса мурдам, гаштам ҳалоко...
Инҳо ки бинӣ, боқӣ намонад,
Омад ба Қуръон: "Даккан дакко" –ко!
Ҳаргиз нагаштем манзури лутфат,
Ҳарчанд кардем мадҳу саноко.
Лутфи ту бо мо аз ҳад фузун аст,

---

[32] Дар фосилаи байни 2 сатр: Ёҷӯҷи ҷонро бастам ҳуноко омадааст.
[33] Нашунидем.

“Ё ман ладайно, фазлу атоко!”
Фарзонаи ман, ҷононаи ман,
Афсонаи ман шуд то самоко!
Мадҳи ту хонам, ъурбан ва ъуҷман,
Хоҳӣ ҳалоко, хоҳӣ малоко!
Наъти ту гуям, назман ва насран,
Ҳар ҷо, ки бошам, субҳу масоко!
Ҳар дам зи килкам дурдона резад,
Дигар чӣ гӯям нуру зиёко![34]
Корат риё нест, лутфат хато нест,
Ҳукмат ҷафо нест, иъмал вафоко!
Пират ҷавон аст, тират камон аст,
Ло фарқа байнай шайбу қароко!
Хориву иззат дар зери исмат,
Кас кай шиносад шоҳу гадоко!
Сирри худ аз Ҳақ пинҳон чӣ дорӣ,
“Лав лам тароҳу, Ҳаққан йароко”[35]!
Нақши вафое аз мо назад сар,
“Мин аҷли золик, хифно бақоко”!
Таҳқиқи ашё моро яқин аст,
Ҳарчанд қавме бошанд шоко!
Гар ҳолат ин аст мустақбалат чист?
Лиллоҳи ускут, муҳҳан мазоко!
Одам зи Ҷаннат уфтод берун,
Мадлули Ҳавво гардад асоко!
Фархундатабъӣ, хумсию сабъӣ,
Бошад набошад дар киса поко!
Рӯзе, ки бад шуд, гардид толеъ,
Суде надорад, холу тағ око!
Аз Рӯзи охир ғофил мабошед,
Фимо талуно “Даккан дако”-ко!

---

[34] Дар болои сатр: “надонам”.
[35] Агар ту ӯро набинӣ, ал-ҳақ ӯ туро мебинад!

То кай гурезӣ, рӯзеву рӯзе,
Охир чӣ гӯӣ Йавму-л-бақоко?!
Шуд Одро бод ваҷҳи ҳалокат,
Бар қавми Солеҳ савту-л-ҳалоко!
Фиръавниёнро аз оби дарё,
Додаш сазое Раббу-л-ҷазоко!
Не Одаму Нӯҳ, не Хотиму Рӯҳ,
Боқӣ намонанд, ай мо наҷоко!
Юсуф ба зиндон ҳар гаҳ ки биншаст,
Аз гарди туҳмат гардид поко!
Аз муъҷизи ӯ бино шуд Озар,
Яъқуби маҳзун ъайнан ҷалоко!
Рӯзест дар пеш, баҳсу ҷадал ҳеҷ,
“Ҷоал қазоко, Зоқ ал фазоко”!
Номат самиъ аст, мулкат васеъ аст,
Қадрат манеъ аст, идфаъ билоко!
Абнои Одам наздат мукаррам,
Мабнӣ бар инҳост арзу самоко
Номи ту Раҳмон, ман ғарқи исён,
Нобурда фармон, сайфу шитоко!
Азмам яқин аст, бас мустабин аст,
Худ шаҳриёрӣ, ман пири коко!
Худ бандагӣ бас бори гарон аст,
Бардор аз дӯш мо тақтулоко!
Ло тақнату бас, моро зи Нӯйис
Бас ваъда хуб аст, дигар чӣ боко!
Ғарра машав, лек, бо ваъдаи нек,
Дар банд мирад, хавфу риҷоко!
Лабташнагонем, дар дашти ҳиҷрон,
Ғарқе зи баҳрат, бахшӣ, чӣ боко!
Як нукта умре гуфтам шумурдӣ,
Гӯши хирад кун аз пунба поко!
Ширинзабонӣ хатм аст бо мо,
**Дониш** ғанимат кам кун такоко!

Дар айни ғафлат бурдӣ ба сар умр,
Зоҳир нашуд ҳеҷ нуру зиёко!
Ғофил нишастем аз “мо умирно”,
“Мо интаҳайно ъаммо наҳоко”.
Қавлест маъруф аз халқи пешин,
“Анъим сабоҳан, акрим ахоко!”.
Шаб маҳви зулмат, рӯзона ғафлат,
“Лозола ҳозо лайлу зуҳоко...”.
Умеди бим аст аз халқ марфуъ,
“Кона савоан мадҳу ҳиҷоко”.
Ҷуз васфи ҳайрат моро чӣ ҳосил?
“Мин ибтидоик, то интиҳоко”.
Эй нури мутлақ, як зарра бахшой,
“Мин ъайни ирфон зайли ъатоко”.
Ҳар неъмати хайр дар махзани туст,
“Анъим ъалайно миммо нашоко”.
“Ё мутриба-р-рӯҳ ло ҳолу болак?”,
“Ё асмаъу-л-йавм, савту садоко!”.
Оёти Қуръон чандон шунидам,
Нуре набахшид “Шамсу-з- зуҳоко”
Дар кӯи фитрат марди ғарибам,
“Ё музҳиба-л-ҳузн, сидқан атоко!”
Дар кӯи фитрат Яъқуби вақтем,
“Шавқан талабту, мо иштаҳоко”.
Аз файзи омаш, ҳаргиз аҷаб нест,
Созад ба як дам кашфи ғатоко!
Гар санг борад бар мо аҷаб нест,
Муҳкам бубастем роҳи сахоко.
Ҳукми қазояш чун рост омад,
“Кона савоан, шайбу фатоко” .
Аз қавли маъруф дигар намонда,
Бо якдигар, ҷуз мову шумоко...
Аз рӯъяти ҳақ бошад насиба,
Кай “мо тароҳу, ҳатто яроко”.

То чанд бошӣ, дар дори ҳасрат,
“Қул, айна коно,умму абоко ...”.
Сӯфии зоҳид рӯи кӣ бинад,
Мин айни ирфон, “истабшир” боко!
Инъоми ошиқ бисёр дидӣ,
“Лам яшкуру –л-лоҳ миммо қалоко”.
**Дониш,** чӣ хоҳӣ, з-ин ширу шаккар,
“Қола ҳасудан лафзан ракиоко”.
Аъмоли дунё бисёр кардӣ,
“Қул, мо фаъалта йавма-л-ҷазоко?”.
Хайре надиданд марду зан аз ту,
“Мин хавфи шаррик, астир ҳабоко”.
Чашми иноят аз халқ дорӣ,
“Ҳам акси золик астир қабоко!”.
Некӣ надиданд халқ аз ту ҳаргиз,
“Фи муддати-л-умр қад ҷарра боко”.
Ҳон, то чӣ гӯӣ, йавму-т-таҳосуб?...,
Маълум гардад “ин яр яроко”.
Аз мубтадоят моро асар нест,
“Ахбир алайно, мин мунтаҳоко?”.
Икроми шаръӣ ҳақ ро накардӣ,
“Мин аҷли золик ло юкрамоко”.
Ҳар неку бадро аз хеш бинӣ,
“Ва-л-халқу маъзур миммо тароко”.
Ҳосил накардӣ ҷуз дарду ҳасрат,
Дониш чу бурдӣ, “қад афлаҳоко”.
Ҳақ лутф фармуд аз маҳзи эҳсон,
“В-ахфиз ҷиноҳак мин иқтизоко”.
Ҷӯёни лутфем дар аҷзи фитрӣ,
Машмор моро миммо насоко.
Бар вифқи Қонун қавле надорем,
Бар сафҳаи дил ҷуз мота коко.

## Қитъаи ғазалвора

Маро дар нестӣ осуда дорад гардиши даврон,
Руъунат об мегардад чу бинад нону хонамро.
Сабукрӯҳам, чунон дар маснади иззат ватан дорам,
Ҳумои фақр бар сар мекунад тоҷ устухонамро.
Қабои ноз дар бар меравад он шӯх, инаш кам,
Агар бар чеҳра созад ғоза ашки арғувонамро.
Фигорам, хастаам, маҷнуншиорам, қайсаҳволам,
Ба Лайлӣ то расонад кист ҳоли хастаҷонамро?...
Гузаштам охир аз дастури тарзи нотавониҳо,
Ба доман то ба кай дорад нигаҳ ашки равонамро?.
Наям Бедил, наям Ҳофиз, наям Саъдӣ, наям Ҷомӣ,
Ба ранги навтирозӣ медиҳад махзуни конамро.
Фиғонам ҳар тараф саргашта метозад дар ин саҳро,
Куҷо чобуксаворе то кунад сайд ин фиғонамро.
Чунонам маҳв кун дар ёди худ дар хобу бедорӣ,
Ба ҷуз номи хушат ҳамдам макун дил то забонамро.
Кабӯтарвор чархе мезанам дар авҷи навмедӣ,
Намедонам куҷо хоҳад задан тир ин камонамро.
Зи дунё баҳраам ин бас, зи уқбо ҳайрате дорам,
Илоҳо, оқибат маҳмуд гардон ин баёнамро.
Танамро дар либоси фақр агар осудагӣ додӣ,
Ба хилъатҳои гуногун музайян кун равонамро.
Агар дар кулбаам ояд ба меҳмонӣ зи якрангӣ,
Ба як маснад нишонад фақр то шоҳи шаҳонамро.
Ҷавонӣ - турфа нодониву пирӣ - ҷумла ҳайронӣ...
Дами охир қарини лутф кун пиру ҷавонамро!
Ба даргоҳат надорам туҳфае, ҷуз нолаву зорӣ,
Аз ин рӯ шармсорам, хуб медонӣ фиғонамро.

Зи ҳамдат оҷизам, ҳарчанд дар ғафлат ватан дорам,
Дами охир зи лутфи худ магир аз ман забонамро.
Ба завқи зиндагонӣ умри фонӣ шуд дар ин мазраъ,
Накиштам ҳеҷ тухме, то кунад осуда ҷонамро.
Аз ин савдо намедонам, ки то суде ба даст ояд,
Кафи афсӯс ҳам муфт аст ҷони нотавонамро.
Маро гар бишнавад, аз неъмати алвон чиҳо дорам,
Ҳасуд аз ғусса мепечад ба худ нодида хонамро.
Ҷавониҳо ба нодонӣ, ба пириҳо пушаймонӣ,
Надорам ғайр аз ин шоне супурдам бо ту ҷонамро.
Амалро сафҳа тай кардам, назар бо фазли вай кардам,
Амалро пой пай кардам, ки медонӣ замонамро.
Фақирам, бекасам, дар кӯи ғурбат ошён дорам,
Ҳумои фақр бар сар мекунад тоҷ устухонамро.
Ба хоки кӯи дилбанде насудам ҳасрат андар чашм,
Ки то равшан кунам **Дониш,** ду чашму абрӯвонамро.

***

## Мунодӣ нест ҳоҷат баҳри таҳрики қавофилҳо

Мунодӣ нест ҳоҷат баҳри таҳрики қавофилҳо,
Гирифт аз суҳбати ағёр бас аҳбобро дилҳо.
Ҷарас фарёд медорад, ки барбандед маҳмилҳо,
Ба дасти туст ё Рабб, хастагонро ҳалли мушкилҳо...
Ҳавои беҳаво танҳо ба роҳи ишқ ҳоким кард,
Ҷунуни бенавоиҳо маро гардид ҳоилҳо.
Самуми ҷонгудози водии ҳиҷрон ҳилолам кард,
Чу даркӯбон магар созанд тақриби мароҳилҳо.
Ба чашми хунфишон **Дониш** намудам арзи ҳоли худ,
Ало ё айййюҳал аҳбоб, бас уфтод мушкилҳо...

***

## Оташи бемеҳрият ҳар рӯз месӯзад маро

Оташи бемеҳрият ҳар рӯз месӯзад маро,
Бехабар бигзаштанат бесӯз месӯзад маро.
Ҷони моро бас халос аз сӯхтан бошад муҳол,
Тири мижгони каси дилдӯз месӯзад маро.
Оқибат моро халос аз сӯхтан бошад муҳол,
Дай агар сардӣ кунад, Наврӯз месӯзад маро.
Ошиқ онро сӯхтан зебанда аст аз ҷаври дӯст,
Оташи ҳиҷрони ӯ фирӯз месӯзад маро.
Сӯхтам, гуфтам зи сабрам марҳаме бар ҷон задӣ,
Баъд аз ин бемеҳрият нимсӯз месӯзад маро.
Чокари ишқи туро **Дониш** бас аст ин сӯзу соз,
Ин муҳаббат мегудозад сӯзу месӯзад маро.
То ба кай **Дониш** зи дасти сӯхтан нолон шавам,
Оқибат аҳволи сӯзандӯз месӯзад маро.

***

## Ғунудан нест аз осоиши мо

Ғунудан нест аз осоиши мо,
Намудан нест дар ороиши мо.
Асар дар дил набошад панди моро,
Ҷаҳон пок аст аз олоиши мо.
Надорад тоби мо парвезани чарх,
Зи софӣ бигзарад полоиши мо.
Ба аҳли даҳр яксар дар низоъем,
Қабули кас надорад хоҳиши мо.
Ҳидоятро ба мо роҳе набошад,
Чӣ созӣ ин қадар омоиши мо[36].
Шабехун мезанад ҳарчанд даврон,
Камӣ ҳар гуна дар афзоиши мо.
Ба нодонӣ задам охир зи **Дониш**,
Қабули халқ шуд доноиши мо.

***

[36] Яъне, озмоиши мо.

## Соқиё, то кай ба ҷоми мо нарезӣ бодаро

Соқиё, то кай ба ҷоми мо нарезӣ бодаро,
Ранги ёқути бубахшӣ чеҳраҳои содаро.
Вақти давлат дар гузору фурсати айём танг,
Кай бибардорӣ зи ҷо ғамгин дили афсурдаро.
Гул ба сайри боғ меояд насими субҳдам,
Аз хасу хошоки ғам пардохт бояд ҷодаро.
Ҳезпарварданд[37] аҳли ин замон аз тирагӣ,
Кай шиносанд з-ин миён фарзонаи озодаро.
Ришу сиблат ҳар киро диданд мехонанд мард,
Фарқ натвонанд кардан шери нар то модаро!
Боғ бонро имтиёзе нест дар гулзори даҳр,
Нахл дар оташ бисӯзанду нишона(н)д ходаро.
Баски чашми хоҷа дар шаҳват сиёҳӣ кардааст,
Ҷой дар болои зонӯ карда бибилодаро[38].
Чашм бикшоданд ҷуз сахтӣ надиданд аз азал,
Тарк натвонанд кардан одати муътодаро.
Гоҳ аз ҳастиву гаҳ аз нестӣ дил мебарад,
Илм бисёр аст ёрон шӯхи муллозодаро.
Чун расад овози пову бигзарад ӯ, гӯ шинос,
Хайли асбоби адаб хонанд гову подаро.
Ҳар замон аз хотири мо ин дури макнун барор,
Дур кун аз дил ғами айёми ҳасратбурдаро.
Хок шуд Фарҳоду кӯҳи Бесутун бар ҷой монд.
Хусраво, дилбастагӣ кам кун ту ин фарҳодаро.
Бешу кам аз лутфи абрӯ ар ба даст овардаӣ,
Муғ танам дон, эй гул, инак давлати омодаро.
Хол манмо куштаи он наргиси мастонаро,
Гӯ наяндозад ба пеши мӯр бисмилдодаро.

[37] Ҳез-марде, ки аз таносул бо зан оҷиз бошад.
[38] Бибилода - зани шаҳватпараст.

## Қитъа ба тариқи танз

Як қатра з-оби лутфаш дар коми мо чаконад,
Дӯзах фурӯ нишонад тоҷи нигингаи мо.
Ҳамранги мо бароянд дар кӯҳу дашти имкон,
Шерони нар даронанд чанги палангаи мо.
Дар гӯши аҳли ғафлат ҳаргиз асар надорад,
Сад сол агар навозанд гӯши тарангаи мо.
Ин зоғ сиратонро гунҷишк бемаҷол аст,
Бошад фиреб ҳарчанд мурғи кулангаи мо.
Дар дида мӯри ланге, дар ғайб чун паланге,
Ё Рабб, чӣ ҳол дорад қавли дурангаи мо?
Лутфаш магар ба ранге созад салоҳи коре,
Дар ӯ асар набошад захми фарангаи мо.
Дар ҷӯи зиндагонӣ як қатра обрӯ нест,
Дар рутбаи адам рафт номусу нангаи мо...
Ҳарчанд шер бошад, бояд ҳазар намояд,
**Дониш** баробарӣ кард бо мӯри лангаи мо.

***

## Мухаммас бар ғазали аввали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз

Ба роҳи ишқ бас ушшоқ ро тай шуд мароҳилҳо,
Гирифт аз суҳбати ағёр ҳам арбобродилҳо[39],
Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо.

Агар моҳи рухаш дар соя уфтад ғурра бикшояд,
Зи пешонӣ паи аҳбоб он маҳ дурра бикшояд,
Зулайхо баҳри Юсуф банди кунҷи сурра бикшояд,
Ба бӯи нофае, к-охир сабо з-он турра бикшояд,
Зи тори ҷаъди мушкинаш чӣ тоб уфтод дар дилҳо.

Зи сахтиҳои ин раҳ раҳравон бар бераҳӣ моил,
Ба аҷзи хештан аз норасоиҳои худ қоил,
Ҷигарҳо решу дилҳо хаста аз атволу аз тоил,
Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,
Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо...

Ба дарди дӯст тамкин кун гарат, пири муғон гӯяд,
Ту худро шоду ғамгин кун гарат, пири муғон гӯяд,
Ту кори хеш сангин кун, гарат пири муғон гӯяд,
Ба май саҷҷода рангин кун, гарат пири муғон гӯяд,
Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо.

Чу ман дар ишқи ӯ доғам, саропо сар ба сар дардам,
Ба роҳи интизораш ҳамчу хок уфтодаву гардам,
Агарчанде ки дар роҳи муҳаббат комилу фардам,
Маро дар манзили ҷонон чӣ амни айш чун ҳар дам,

[39] Як мисраъ дар дастхат доғ дор шуда хонда намешавад.

Ҷарас фарёд медорад, ки барбандед маҳмилҳо!

Зи ишқи дӯст кори ман ба нокомӣ расид охир,
Зи ҳаҷраш сӯхтам, ҳарчанд дил хомӣ кашид охир,
Ғами ағёрро бо хештан ҷоме кашид охир,
Ҳама корам зи худномӣ ба бадномӣ кашид охир,
Ниҳон кай монад он розе, к-аз ӯ созанд маҳфилҳо.

Миёни ошиқу маъшуқ, рав, ҳоил машав Ҳофиз,
Ғубори хотири аҳбобро ҳомил машав Ҳофиз,
Зи ҳусни бениқоби дӯст худ зоил машав Ҳофиз,
Дар ин майхона бе шӯру шағаб дохил машав Ҳофиз,
Ҳузуре гар ҳамехоҳӣ аз ӯ ғофил машав Ҳофиз[40],
Мато мо талқа ман таҳвӣ, даъи-д-дунёву аҳмилҳо.

Гуҳарсанҷони оламро агар пурсанд дар маҳшар,
Ҳама афкандасар дар пеш биншинанд ҳомилҳо[41].

***

[40] Дар ҳошияи варақ дар шакли амудӣ навишта шудааст.
[41] Ин байт низ дар ҳошия навишта шудааст.

## Мухаммас бар ғазали аввали Мирзо Абдулқодир Бедил

Чӣ мумкин орзӯ боле кушояд ғайри оҳ он ҷо,
Надорад тоқати парвоз симурғ и нигоҳ он ҷо,
Ба аҷзи хеш доранд эътирофе меҳру моҳ он ҷо,
Ба авҷи кибрё, к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,
Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.

Ҳумои нестӣ парвози шӯхӣ барнамедорад,
Забони аҷзи ошиқ худ хамӯшӣ барнамедорад,
Хумори чашми масташ боданӯшӣ барнамедорад,
Адабгоҳи муҳаббат нозу шухӣ барнамедорад,
Чу шабнам сар ба муҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо.

Ба фикри гулшани ҳуснаш чаманбез аст аҷзоям,
Ба бӯи зулфи мушкинаш суманрез аст аҷзоям,
Ба ёди чашми масташ фитнаангез аст аҷзоям,
Ба ёди маҳфили нозаш саҳархез аст аҷзоям,
Табассум то куҷоҳо чида бошад дастгоҳ он ҷо.

Тамошои ҷаҳон дорӣ ҳавас, сар дар гиребон кун,
Табиби васл меояд ба дарди хеш дармон кун,
Ҷунуне кор фармо, ҳар ду олам зери фармон кун,
Муқими дашти улфат бош, хоби ноз сомон кун,
Ба ҳам меоварад чашми ту мижгони гиёҳ он ҷо.

Ба баҳри яъс бояд ғарқ шуд з –изҳори навмедӣ,
Ба ранги нестӣ шуд маҳв дар атвори навмедӣ,
Намонад ҳеҷ дар дил заррае з-осори навмедӣ,
Хушо базми вафо, к-аз хиҷлати изҳори навмедӣ,
Шарар дар санг дорад парфишониҳои оҳ он ҷо.

Ба зонӯи таваккул дар ба рӯи ғайр барбастан,

Ба кунҷи бехудӣ осуда аз ағёр биншастан,
Ба санги якдилиҳо шишаи авҳом бишкастан,
Ба саъйи мушкили будан, зи ошӯби дуӣ растан,
Саре дар ҷайби худ дуздидаму бурдам паноҳ он ҷо.

Ба ҷуз ҳирмон раҳоварде надорад Юсуфи матлаб,
Зи дилгармӣ, ба ҷуз сардӣ надорад Юсуфи матлаб,
Ба дашти ҳаҷр ҳамдардӣ надорад Юсуфи матлаб,
Ба Канъонат ҳавас гарде надорад Юсуфи матлаб,
Магар дар худфурӯ рафтан кунад эҷоди чоҳ он ҷо.

Намедонад дил аз беҳимматӣ икроми озодӣ,
Намебандад ба кӯи маърифат аҳроми озодӣ,
Наменӯшад зи дасти соқии гул ҷоми озодӣ,
Аз ин камзарфии тоқат набаст эҳроми озодӣ,
Ба санг ояд магар ин ҷому гардад узрхоҳ он ҷо.

Қаландар шав, кулоҳи бехудӣ аз сар раҳоӣ кун,
Ба зери пардаи мавҳуми ҳастӣ худнамоӣ кун,
Дар ин дайри ҳавасомода андак беҳавоӣ кун,
Зи тарзи машраби ушшоқ сайри бенавоӣ кун,
Шикасти ранги кас обе надорад зери коҳ он ҷо.

Ба ҷон охир расидӣ, кай кунӣ як лаҳза ёди дил,
Ба ёди субҳи бустон як нафас аз хеш доди дил,
Зи ранҷидан ба ҷон омад, накардӣ ҳеҷ шоди дил,
Зи бас файзи саҳар меҷӯшад аз файзи саводи дил,
Ҳама гар шаб шавӣ, рӯзат намегардад сиёҳ он ҷо!

Ба-д-ин уфтодагӣ хоҳам расидан то куҷо Бедил,
Ба мақсад чун шавам восил мани бе дасту по Бедил,
Ба саргардонии ман нест санги осиё Бедил,
Замингирам ба афсуни дили бемуддао Бедил,
Дар он водӣ, ки манзил низ меуфтад ба роҳ он ҷо.

## Мухаммаси марсияи Дониш

Оламе дар ҳайратанд аз дарди бедармони мо,
Ғофиланд аз ин ки бошад з-ин сару сомони мо,
Лутфҳо созад ба мо з-ин мавҳабат[42] раҳмони мо,
Рафт бар боди хазон ёрон гули райҳони мо,
Ошкоро шуд ба олам неъмати албони мо!

Сӯхт з-ин оташ дар ин олам дили деву парӣ,
Не кулоҳи бандагӣ монад, на тоҷу сарварӣ,
Кори оламро ҳамебинам саросар сар-сарӣ,
Рафт бар боди хазон ёрон гули райҳони мо[43],
Нест ғайр аз сабру тоқат дӯстон дармони мо.

Дар азал моро барои бурданӣ овардаанд,
Бар билоди дарду ғам хӯ карданӣ овардаанд,
Не барои хурдану парварданӣ овардаанд,
Нест ғайр аз сабру шукру бандагӣ дармони мо,
Ошкоро шуд ба олам иллати пинҳони мо
Чист ғайр аз сабру тоқат эй азизон, ҷони мо?[44]

Фикри худ созед, эй дармондагони дарду ғам,
Кори мо дигар намебошад ба ҷуз оҳу надам,
Довари қодир магар созад ба мо фазлу карам,
Ошкоро шуд ба олам дарди бешу сури кам,
Дӯстон дорад илоҷе дарди бедармони мо?...

---

[42] Ҳадя.
[43] Дар ҳошия ба ҷои хазон "аҷал" омадааст.
[44] Ин мисраъ дар ҳошия навишта шудааст.

Тӯраҷонам рафт аз бар, сӯхт дар тан ҷони ман,
Рафт бар боди хазон ёрон гули райҳони ман,
З-ин талотум бар фалак шуд нолаву афғони ман,
Нест ғайр аз сабру тоқат дӯстон дармони ман,
Ошкоро шуд ба олам меҳнати пинҳони ман.

Зиндагиро ҳосили дигар набошад ҷуз алам,
Хоки одамро сириштанд аз азал бо дарду ғам,
Ҳар киро дидем дорад з-ин талотум бешу кам,
Рафт бар боди хазон ёрон гули райҳони ман,
Нест ғайр аз сабру тоқат дӯстон дармони ман.

Дарди ҳиҷроне, ки дар дил солҳо ҷо кардаем,
Оқибат бо неъмати аҳзон мудоро кардаем[45],
Ганҷи таслими қазо сатри мо (?) нокардаем,
Рафт бар боди хазон ёрон гули райҳони ман,
Нест ғайр аз сабру тоқат дӯстон дармони ман.

Нест ғайр аз дарду ғам моро насиб аз зиндагӣ,
Дарди моро нест дармон, эй табиби зиндагӣ,
Кай гузорад бе алам моро ҳабиби зиндагӣ,
Рафт бар боди хазон ёрон гули райҳони ман,
Нест ғайр аз сабру тоқат дӯстон дармони ман.

Дорад аз дарду алам осори номи бандагӣ,
Ҷуз ризову шукр набвад ҳеҷ коми бандагӣ,
Неъмати алвон зи сабр орад ғумоми бандагӣ,
Рафт бар боди хазон ёрон гули райҳони ман,
З-ин талотум бар фалак шуд нолаву афғони ман.

Кист дар олам наборад бар сараш борони ғам,
Зоди роҳи худ нагирад неъмати алвони ғам,
Шод бояд буд аз асрори бепоёни ғам,

[45] Дар болои калимаи "оқибат" калимаи "лоҷарам" навишта шудааст.

Нест ғайр аз сабру тоқат дӯстон дармони мо ,
Ошкоро шуд ба олам неъмати пинҳони мо.

**Мухаммаси Дониш бар ғазали Имло**

Хондем васфи дӯзаху мадҳи биҳиштро,
Нашнохтем худ баду некӯсириштро,
Рашан накардаанд хати сарнавиштро,
Кардем сайр хонақаҳу ҳам куништро,
Дидем рӯ ба ҷониби ӯ хубу зиштро.

Ҳар ранҷро, ки ҳаст, шифое навиштаанд,
Ҳар бенаво барои навое навиштаанд,
Ҳар феъли неку бад ба сазое навиштаанд,
Ҳар дардро, ки ҳаст давое навиштаанд,
Лекин давопазир нашуд феъли зишти мо.

Дил кандан аз ҳавои ду олам чӣ неъмат аст!
Дар гӯшае нишастан бар ғам чӣ неъмат аст!
Будан барӣ зи ҳиммати Ҳотам чӣ неъмат аст!
Тарки тамаъ зи мардуми олам чӣ неъмат аст!
Гум кардаанд халқ тариқи биҳиштро...

Чашм аз фироқи рӯи ту аз хоб мондааст,
Дилро хумори чашми ту аз об мондааст,
Аз сӯзи ҳаҷр ҷон ба табу тоб мондааст,
Дил аз хумор, мазраъа аз об мондааст,
Соқӣ, биёву аз сари хум гир хиштро!

Хӯ карда худ ба талхии ҳаҷри ту коми ҷон,
Пур аз майи фироқи ту ҳамвора коми ҷон,
Бошад ҳамеша вақфи мароми ту коми ҷон,
Афсурда аз зукоми таманно машоми ҷон,

Бикшо ба ноз турраи анбарсириштро!

Аз абри раҳмати ту дар ин вартаи умед,
Борони файз рехт дар ин мазраи умед,
Сероб шуд дилу ҷигар аз машраи умед,
Ҳосил фузун гирифт дар ин мазраи умед
Барвақт дод об ҳар он кас, ки киштро.

Дилҳои аҳли кашф дар ин варта хун шавад,
Байни риҷову хавф, ки аҳвол чун шавад,
Дар рӯзи вопасин, ки ҷаҳон сарнагун шавад,
Донад яқин, ки оқибати кор чун шавад,
Имло, ҳар он кӣ хонд хати сарнавиштро.

***

## Эй туро аз нолаҳои мо дили маҳзун хароб

Эй туро аз нолаҳои мо дили маҳзун хароб,
Аз ғами лайлишиорон синаи Маҷнун хароб.
Гулъузорон дар чаман аз оразат дар печутоб,
Оҳувон аз чашми бемори ту дар ҳомун хароб.
Шоху барги лола аз доғи дили мо барҳазар,
Обу ранги бўстон аз он лаби майгун хароб.
Дафтари доғи дили Маҷнун ба Лайлӣ мухтасар,
Нағмаҳо аз дарди мо дар пардаи Қонун хароб...
Сомирӣ рўзе, ки он гўсоларо фарбеҳ намуд,
Синаи Мўсо кабобу хотири Ҳорун хароб.
Аз шиори сусти мо ёрон чунин фаҳмидаанд,
Назм агарчанде, ки мавзун омада, мазмун хароб...
Аз харобӣ дам мазан **Дониш,** ки гуфтам равшанат,
Кист монанди ту андар даври ин гардун хароб?

***

**Бояд гузашт аз сари ҷон дар раҳи талаб**

Бояд гузашт аз сари ҷон дар раҳи талаб,
Ҳирс аст ин ки бо ту намудем мустаҳаб.
Он кас, ки рехт хор ба роҳат зи рӯи ҷаҳл,
Нозил ба ҳаққи ӯ шуда "Ҳаммалат-ал ҳатаб".
Махсуси ҳаҷри хеш шиносӣ маро бас аст,
З-ин рӯй дар фироқи ту шодему дар тараб!
Мансур гуфт бар сари дор ин таронаро:
"Моро расад зи ишқи ту ин рутбаву рутаб".
Аз банда чист ғайри дуову шикастагӣ,
"Миннӣ илайкӣ ҳамду санои ва анта Рабб!"
Фағфури Чин ба косаи худ ин навишта буд,
"Мову сафоли хушку туву шишаи Ҳалаб".
Ушшоқро ба сустиву оҳистагӣ чӣ кор,
Моро давон-давон бубаранду ҷанаб-ҷанаб.
Гар саҷдаи ҳабиб туро орзӯ бувад,
"Иқраъ" бихон аз сари ихлосу иқ тараб!"
**Дошиш,** туро ба шеър чӣ нисбат, вале магар,
Дорӣ зи мисраи дигарон чанд мунтахаб?
Рӯҳи маро чӣ қурб, ки ҷоме сифат кунам,
Рӯҳи фидока, эй санами **"ат-Таҳо лақаб!".**
Гуфтам: ҳанӯз ҷон ба наволат намерасад,
Гуфто: мабош бедилу аз фазли мо талаб!
Мафтуни назми хеш мабошу хамуш нишин,
Ногоҳ агар футуҳ шуд, "ихтар ва интахаб!".
Эй лаб тамом лубб, ба ту моро чӣ нисбат аст?
Дар машраби камоли ту моем лаб ба лаб.
Бо мо чӣ эътироз шуморо дар ин диёр?
Не мираму на хоҷа, на мулло, на мунтаҷаб!
Дурҳои суфтаро ба ҷаҳон ҳеҷ қадр нест...
Носуфта дар карам кун аз он ҳуққа бе таъаб.

Дониш аз ин шиор на дунё, на охират,
Бас ин аҷаб зи мо сабаби уҷб. Аҷаб, аҷаб!
Ғавғои ошиқона агар нест бар сарат,
Бигзар зи ишқи ноқиси бе шӯру бе шаъаб.
Маншин ба садри курсии даврон, хамӯш бош!
Афсонаи туро набувад шавқ, на тараб!
Моро ба шарҳи ҳусни ту кай дастрас бувад,
Дар гӯшаҳои мадраса ҳастем бе шараб.
Аҳволи мо зи рӯи ту равшан намешавад,
Маҳ рӯзро ҷудо накунад аз ғубори шаб.
То тоҷи ифтихору ҳаво н-афканад зи сар,
Мард аз насаб куҷост шавад қобили ҳасаб?
То зарраи ҳаво ба сарат ҳаст **Донишо**,
Дон марди беҳавост нушув[46] муқбили ҳасаб!

***

[46] Нашъу намо.

## Ало эй каъбаи давлат маро хоки сари кӯят

Ало эй каъбаи давлат маро хоки сари кӯят,
Набошад қиблаи ҷонам ба ҷуз меҳроби абрӯят.
Зи ишқи рӯи гул булбул накардӣ нолаву ғул-ғул,
Агар андар ниҳоди гул надидӣ накҳати бӯят,
Агар дар рӯи маҳрӯе ба меҳри дил назар кардам,
Накардам ҷуз ба-д-он ваҷҳе, ки ҳаст оинаи рӯят.
Дилам вақти гулу сунбул ҳаводори сабо з-он шуд,
Ки меёбад аз ӯ ҳар дам насими сунбули мӯят.
Сабо дӯкони атторӣ кушудан кай тавонистӣ,
Гар ӯро нестӣ ҳар дам гузар бар чини гесӯят.
Агар гаҳ-гоҳ **Дониш** рӯй сӯи ғайр овардам,
Ба сурат рӯ матоб аз ман, ки дорам рӯи дил сӯят.

***

## Ба шохи сарв, ки булбул ҳамеша нолон аст

Ба шохи сарв, ки булбул ҳамеша нолон аст,
Зи гул наво талабидан на кори осон аст.
Чӣ сон фусурдадилон тоби ҳарфи мо оранд,
Забони тез, ки дорем, ҷои пайкон аст!
Зи роҳи ҳирс ба гардан фитода рӯзе ҷинс,
В-агарна олами фонӣ чӣ ҷои инсон аст.
Хумори чашми ту мастона мебарад моро,
Дигар (чу) соқии мо оби теғи мижгон аст ,
Нигини сабр дар ангушти фақр андозем,
Ҳазор бор беҳ аз хотами Сулаймон аст!
Агар ба ҷайби тафаккур саре фуруд орем,
Шарори давлати мо барқчини домон аст!
Зи нола қумрии мо гул зи бун барандозад,
Ба гулшане, ки ниҳоли қадаш хиромон аст.
Фалак сиришта ба хуни дилу ҷигар моро,
Шунидаем, ки лаъл аз ҳади Бадахшон аст!
Агарчи қиссаи Фиръавн ғуссапардоз аст,
Вале чӣ суд, ки Ҳомон зи бадсиголон аст.
Саманди килки ту ҳарчанд тезҷавлон аст,
Инон бикаш, ки ҷаҳон турфа тангмайдон аст.
Агарчи Лайливу Маҷнун ду гул зи як чамананд,
Ду ғунча қиссаи Абсол бо Саломон аст.
Агарчи хона васеъ асту мизбон хушдил,
Сабук нишастану бархост ҳусни меҳмон аст.
Ту хоҳ адл куну хоҳ зулм, эй **Дониш**,
Иборатест, ки кофист гургу чӯпон аст.

***

## Теғ аш зи сина, ханҷари ӯ аз ҷигар гузашт

Теғ аш зи сина, ханҷари ӯ аз ҷигар гузашт,
Кокул ба дӯш омаду зулф аз камар гузашт.
Дар ошёни кулбаи мо устухон надид,
Аз сар Ҳумои толеи мо тезпар гузашт.
Ин хирагӣ, ки халқ ба ҳам кор мебаранд,
Таъсири ӯ ба сина зи теғ у табар гузашт.
Рӯи ту дар сафову ҷабини ту дар сафо,
Дар вартаи камол зи Шамсу Қамар гузашт.
Бигзашт умр дар ғаму мақсад нашуд ҳусул,
Тири дуо магар зи ҳадаф дуртар гузашт.
Тири қазо чу ромии[47] тақдир рост кард,
Аз сина то ба гуфтани "Айнал мафарр"[48] гузашт.
Ҳафтоду шаст рафт зи авқоти умр, лек,
**Дониш** нагуфт ин қадару он қадар гузашт.

***

[47] Тирзан.
[48] Ҷои гурез куҷост?

## Нахли ҳаёти мо чӣ қадар бесамар гузашт

Нахли ҳаёти мо чӣ қадар бесамар гузашт,
То даври чарх монд зи мо чанд сар гузашт.
Фарҳод рафту монд ба ҷо кӯҳи Бесутун,
Эй раҳравон, бибояд аз ин кӯҳу дар гузашт.
Таҳқиқ кунҷ-кунҷи қаноат намуда шуд,
Дар будаву набуда хушу хубтар гузашт.
Ин дор дори ҳасрату ҷои надомат аст,
Хуштар ҳамон, ки бо аламу чашми тар гузашт.
Моро чӣ шуд, ки ёр бар аҳволи мо надид,
Ин роҳро гузошт, ба роҳи дигар гузашт.
Баракс рафта шеваи ин чархи бемадор,
Аз Рахши Рустам оқибат-ул - амр хар гузашт.
Дирӯз дар миёна надонам чӣ ҳол шуд,
Имрӯз аз гузашта саросар батар гузашт.
Донӣ куҷост савмаъаву роҳи майкада?
Фарқе миёни ин ду накардиву сар гузашт.
Гуфтӣ кунам талофии айёми рафтаро,
Имрӯзат аз тамомии рӯзат батар гузашт.
Хурду калон ба дидаи ибрат надидаӣ,
Чандон ки Муш омаду Соли бақар гузашт.
Чун меваҳои сайфу шито[49] гӯиё ба халқ,
Ҳар нуктае, ки аз қалами хушку тар гузашт.
Гуфтам Алиф, ба Йо нарасиду тамом шуд,
Муҷмал нашуд муфассалу бас мухтасар гузашт.
Аз донаҳои беҳуда анбор пур макун!
Аз гандуме чиҳо сари шӯру шарар гузашт.
Дар коми майкашон дами мастӣ ҳазор беҳ,
Лаъли лаби ту дар маза аз найшакар гузашт.
**Дониш** ҳазорбора туро суда карда чарх,
Хокат кунун зи сурмаи аҳли басар гузашт.

[49] Тобистону зимистон.

## Қисса кутаҳ кун, ки рӯз охир шуду авқот рафт

Қисса кутаҳ кун, ки рӯз охир шуду авқот рафт,
Мо мазо[50] бигзашт, ҳол аз ҳол шуд, офот рафт!
Шарҳи ҳоли худ бикардам арзаи соҳибдилон,
Хатм шуд Қуръону ҳарф аз сураву оёт рафт.
Тири мо дур аз нишон уфтод дар ҳар ҷо, ки буд,
Сайди мо парвоз карду аз паси калхот рафт.
Дона дар ҳар хок афкандем сел аз ҷой бурд,
Решаи умре, ки шуд фарсуда дар сарҳот рафт.
Осиёбе дона кишту сангҳо фарсуда шуд,
Чарх бемасраф шуду ҳосил ба исрофот рафт.
Кишти мо нопухта шуд сармояи мӯру малах,
Хирмани мо каҳ ҷудо нокарда бе ғаллот рафт.
Шоҳ дар гарду ғубори пои лашкар хира шуд,
Нури ин хуршед маҳви ҷӯшиши заррот рафт.
Аз китоби умри мо маънӣ ҳама маъдум шуд,
Рамзи мазмуне, ки бошад, ҷумла дар абёт рафт.
Дӯш аз ҷоми фано **Дониш** майи ваҳдат чашид,
Бо адам якранг гашту бехуди нашъот рафт.

***

[50] Он чи ки гузашт.

**Умри кутаҳ зоеъу беҳосилу барбод рафт**

Умри кутаҳ зоеъу беҳосилу барбод рафт,
Ҳар чи ҷамъ овард, дар дастури туринҷот рафт.
Сиккаи бетоқатӣ охир ба номи мо заданд.
Тоқати мо тоқ шуд, аз ҷону дил тоқот рафт.
Дар баланду пасти роҳи бандагӣ дар кори мо,
Мабҳаси шаръии мансуботу маҷрурот рафт.
Ҷумлаи эъробҳо мағшуш шуд аз саъйи мо,
Ҳеҷ ҳарферо нафаҳмидему мабниёт рафт.
Дар канори баҳри ғам охир ба гирдоби фано,
Тӯлу арзи умри қаблиёту баъдиёт рафт.
Булбули масте бувад, гулшан куҷо, қумрӣ куҷо?
Ғунча то во кард лаб, гул бар сари ҳолот рафт,
Масҷиду майхонаҳо дарбаста шуд бар рӯйи мо,
Турраҳоти сӯфиёни маст дар томот рафт.
Аз китоби фазли маънӣ нуктае нохонда монд.
Чанд авроқе, ки гардондам ба иҷмолот рафт.
Муфтии моро қалам бишкасту коғаз руқъа шуд,
Андаке охир нафаҳмидему масъулот рафт.
То нафас дар ҳалқаи беҳосилиҳо банд шуд,
Зикри мо охир чунин бе нафйю бе исбот рафт.
Дарси мо **Дониш** нафаҳмиду ба ҳайрат боз монд,
Баски мавзуъоти мо бе рабти маҳмулот рафт.

***

**Соқиё май деҳ, ки бе май кори мо ҷавҳар надошт**

Соқиё май деҳ, ки бе май кори мо ҷавҳар надошт,
Гарчи аз дарё баромад оби ин гавҳар надошт.
Аз нигоҳаш даргузар роҳи таҳайюр пеш гир,
Золи дунёро шунидастам, ки як шавҳар надошт.
Маст кард аз наргиси фаттон саросар ҷумларо,
Соқии мо гарчи дар маҷлис ба каф соғ ар надошт.
Хоки мо девона созад мазраи шӯри туро,
Лек деҳқони сафо ин қавлро бовар надошт.
Бе мададгоре дар ин раҳ мебарам бори гарон,
Тоҷири мо ҳеҷ парвои хару чокар надошт.
Чун тамаъ дорӣ, мурувват бештар аз мову ту,
Хоҳарон аз додарону додар аз хоҳар надошт.
Қиссаи деҳқонии Одам ба мо маълум кард,
Ин замин беш аз ману ту ҳеҷ киштовар надошт.
Умрҳо **Дониш** ба по мекард қатъи роҳи фақр,
Неғ аме аз зоди раҳ мекарду фикри хар надошт.

***

## Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз

Диле, ки аз ғами айём раст, obод аст,
Агарчи банди ғами даҳр бошад, озод аст,
Чӣ ҷойи нолаву ҳангоми оҳу фарёд аст?
Биё, ки қасри амал сахт сустбунёд аст,
Биёр бода, ки бунёди умр бар бод аст.

Биёву дам мазан аз гуфтугӯи буду набуд,
Ки ин таронаи бетоқатӣ надорад суд,
Ҳар он чӣ хост, шавад, ҳар чӣ хост, хоҳад буд,
Ғуломи ҳиммати онам, ки зери чархи кабуд,
Зи ҳар чӣ ранги таъаллуқ пазирад, озод аст.

Аз ин сарои дудар раҳравон ба сабру шитоб,
Гузаштаанд гаҳе ҳушёру гоҳ ба хоб,
Ба дидаҳои пуробу ба синаҳои хароб,
Чӣ гӯямат, ки ба майхона дӯш масту хароб,
Сурӯши олами ғайбам чӣ муждаҳо додаст.

Ғами ту гашт маро мондаи пасин зи пасин,
Нишастаанд туро душманон камин зи камин,
Ба гӯши ҳуши ту хонданд нағмаҳое чунин:
Ки эй баландназар, шоҳбози сидранишин,
Нишемани ту на ин кунҷи меҳнатобод аст.

Зи кунҷи савмаъаву чарх ошкору сатир[51],
Наво зананд туро ҳар замон қалилу касир[52],
Зи ошёни фалак мерасад ба кӯси сафир[53],

[51] Пинҳон.
[52] Каму беш.
[53] Садои фарёди даф.

Туро ба кунгураи арш мезананд нафир,
Надонамат, ки дар ин домгаҳ чӣ уфтодаст.

Ба маснаде, ки туро дода шуд нишин дилшод,
Дило сурури ғами орзу бикун озод,
Чу гул ба ханда нишин, шод бош чун шамшод,
Ғами ҷаҳон махуру панди ман мабар аз ёд,
Ки ин латифаи ғайбам зи раҳраве ёд аст.

Зи пири ақл ба гӯшам расид ин иршод[54],
Ба халқ нола макун аз ҷаҳони бебунёд,
Шунав фасонаи Ширину Хусраву Фарҳод,
Маҷӯ дурустии аҳд аз ҷаҳони сустниҳод,
Ки ин аҷӯза арӯси ҳазор домод аст.

Ба теғи сабру ризо нақши ғам зи дил биздой,
Ту доғи лолаи дилро ба ҳеҷ кас макшой,
Ки ин замона надорад мадору нест ба пой,
Ризо ба дода бидеҳ в-аз ҷабин гиреҳ бикшой,
Ки бар ману ту дари ихтиёр накшодаст.

Биё ба ҷониби гулшан, бирав ба мавсими гул,
Бинӯш бодаи рангин зи шишаву хуми гул,
Бигӯй нуктаи хуш булбул аз такаллуми гул,
Нишони аҳду вафо нест дар табассуми гул,
Бинол булбули бедил, ки ҷои фарёд аст.

Касе надорад аз ин гуфтугӯ хабар, Ҳофиз,
Бикун ба **Дониши** бе болу пар назар, Ҳофиз,
Ки аз забони ту хуш гӯяд ин хабар, Ҳофиз,
Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм бар Ҳофиз,
Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст!

***

[54] Роҳнамоӣ, ҳидоят.

## Дилдор дӯш бар сари мо бехабар гузашт

Дилдор дӯш бар сари мо бехабар гузашт,
В-арна куҷо ба хотираш ин раҳгузар гузашт.
Ҷамшед ҷоми май ба кафу рӯд, нӯш кард,
Дарди хумор-ш аз сари мо бештар гузашт.
Тири қазо чу ромии тақдир рост кард,
Аз сина то ба гуфтани “Айнал мақарр” гузашт.
Ҳарфе, ки аз лаби ту (ба) ҷони ҳазин расид,
Айёми ҳаҷр буд, зи ширу шакар гузашт.
Не тан дуруст монд марову на ҷону дил,
Захми фироқи дӯст зи теғу табар гузашт.
Раҳме ба ҳолу ҷони мани нотавон накард,
Оҳам зи кӯи дӯст басе беасар гузашт.
Ҳарчанд тоза-тоза наво кардамаш ба гӯш,
**Дониш** ниҳоли ман зи ҷаҳон бесамар гузашт.

***

## Мухаммаси Дониш бар ғазали Мирзо Бедил

Пардаи гул медамад, ғунчаи хандони кист?
Сабзаву насрин дамид, саҳни гулистони кист?
Талхии май мебарад, шӯри намакдони кист?
Мавҷ ҷунун мезанад, ашки парешони кист?
Нола ба дил мехазад, ханҷари мижгони кист?...

Зулфи ту мушки Хутан, ноқакаши Чин кадом,
Лаъли ту хурмои тар, меваи ширин кадом,
Ҷуз лабу дандони ту, хӯшаи Парвин кадом,
Ғайри муҳаббат дигар, дин чиву ойин кадом,
Уммати парвона бош, сӯхтан имони кист?

Шӯхи майошоми ман кард зи мастӣ гузар,
Шӯри қиёмат ба сар оламе зеру забар,
Дода ба заҳроб дурр, ханҷари мижгон нигар,
Таҳти диле дар назар , ин ҳама чоки ҷигар,
Ҳайратам ойина кард, дасту гиребон куҷост?

Эй дили бехонумон, чанд нишинӣ хароб?
Оташи шавқе бихон дарзану мешав кабоб,
Бар сари чархи фалак, чанд занӣ печутоб?
Риштаи амвоҷро уқда нагардад ҳубоб,
Обила дар роҳи шавқ монеъи ҷавлони кист?

Масти ҷунунам чунон, ҳеҷ напурсӣ зи ман,
Гарчи маям кам диҳад соқии ин анҷуман,
Оташи шавқаш чунон карда ба ҷонам ватан,
Дил зи пояш рафту ман, меравам аз хештан,
Айби ҷунунам макун, нола ба фармони кист?

Ишқ ба гардан фиганд, риштаи иқду гуҳар,
Кист халосам кунад, ҷуз карами додгар?
Лутфи ту пинҳон бикушт в-арна дар ин раҳгузар,
Ҳусни бутон ин қадар, нест фиреби назар,
Гар на туй ҷилвагар, ойина ҳайрони кист?

Дониш зи ёру диёр, ришта чу бигсастаем,
Хаставу афсурдаҳол, ғамзада биншастаем,
Аз камари кӯҳи ғам лоласифат растаем,
Бедил, аз ин моида, дасти тамаъ шустаем,
Паҳлӯи дилхурдаро орзӯи нон куҷост?

***

## Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз

Диле, ки бастаи доми ризои хештан аст,
Ба ком кай расад он дил ба ҷои хештан аст,
Чу мурғ ғамзаи сайди ҳавои хештан аст,
Ба доми зулфи ту дил мубталои хештан аст,
Бикуш ба ғамза, ки инаш сазои хештан аст.

Ризои туст чу асли ниҳоди хотири мо,
Чӣ мешавад, ки кунӣ гоҳ шод хотири мо,
Ба-д-ин васила кунӣ хайрбоди хотири мо,
Гарат зи даст бар ояд муроди хотири мо,
Ба даст ор, ки чизе ба ҷои хештан аст.

Ба ёдат эй гули рангини ман, ки ҳамчун шамъ,
Гудохт ин дили сангини ман, ки ҳамчун шамъ,
Намонд тоқату тамкини ман, ки ҳамчун шамъ,
Ба ҷонат, эй бути ширини ман, ки ҳамчун шамъ,
Шабони тирамуродам фанои хештан аст.

Чу ёди зулфи ту кардам шикаста шуд сунбул,
Чу меҳри рӯи ту бурдам, хамид қомати гул,
Зи ҳасрати майи лаъли ту шиша дар қул-қул,
Чу рои ишқ зи дил бо ту гуфтам, эй булбул,
Бигуфт он гули худрӯ барои хештан аст.

Зи меҳру моҳ рухат бурда баски боҷу хироҷ,
На бо чароғи шабу шамъи рӯз дил муҳтоҷ,
Ба шоҳии ту чӣ ҳоҷат, кулоҳи зар кашу тоҷ,
Ба мушки Чину Чигил нест ҳусни гул муҳтоҷ,
Ки нофаҳош зи банди қабои хештан аст.

Нишин ба кулбаи эҳзони худ чӣ ом, чӣ шаҳр,
Зи халқи даҳр дил озод кун, чӣ лутф, чӣ қаҳр,
Мабар зи неъмати волои халқ нимраҳ баҳр,
Марав ба хонаи арбоби бемурувввати даҳр,
Ки ганҷи офиятат дар сарои хештан аст.

Ба маҳфиле, ки кунанд, Дониш, ошиқон бозӣ,
Зи сар гузашта намоянд нақди ҷон бозӣ,
Ба оташе, ки кунандаш самандарон бозӣ,
Бисӯхт Ҳофизу дар шарти ишқу ҷонбозӣ,
Ҳанӯз бар сари аҳду вафои хештан аст.

***

## Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз

Шоҳид биё, ки мутриби мо соз баргирифт,
Сӯфӣ, ки тавба карда зи май, ҷом даргирифт,
Зоҳид гузашта буд зи суҳбат, зи сар гирифт,
Соқӣ, биё, ки ёр зи рух парда баргирифт,
Кори чароғи хилватиён боз дар гирифт!

Он гул, ки дар чаман дили булбул ба ишва бурд,
Бо тири ғамза ҳам ҷигари боғбон бидӯхт,
Зоҳид ба як карашма ҳазорон дуо фурӯхт,
Он шамъ сар гирифта чу гул чеҳра барфрӯхт,
В-он пири солхӯрда ҷавонӣ зи сар гирифт.

Он доми ғам, ки қумрии дил баста карда буд,
Аз доғҳои сина чу гул даста карда буд,
Шамшоду сарвро қадаш ишкаста карда буд,
Бори ғаме, ки хотири мо хаста карда буд,
Исодаме Худо бифиристоду баргирифт.

Як ҷилва кард ҳусни ту аз ҷой маҳ гирифт,
Як фитна кард чашми ту зоҳид зи раҳ гирифт,
Аз хонақаҳ ба майкада ҳоли табаҳ гирифт,
Он ишва дод ишқ, ки тақво зи раҳ гирифт,
В-он лутф кард дӯст, ки душман ҳазар гирифт.

Фарёд аз он ду гесӯи мушкини дилфиреб,
Афғон аз он ду кокули пурчини дилфиреб,
Бурданд дину дил ба ҷавонини дилфиреб,
Зинҳор з-он иборати ширини дилфиреб,
Гӯӣ, ки пистаи ту сухан дар шакар гирифт.

## Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз

Он шӯхи ҷаҳоношӯб бо фитна камар барбаст,
Яксар сафи маҳрӯён бо теғи мижа бишкаст,
Ногоҳ зи бадмастӣ, чун барқ зи ҷо барҷаст,
Дар дайри муғон омад, ёрам қадаҳе бар даст,
Маст аз майу майхорон аз наргиси масташ маст.

Аз шавқи ту мерафтам мастонаву вовайло,
Сармасти таманное дил волаву ҷон шайдо,
Дидам, ки савор омад он шӯхи сумансимо,
Аз наъли саманди ӯ шакли маҳи нав пайдо,
В-аз қадди баланди ӯ болои санавбар паст.

Аз роҳ чу бархезам, роҳи дигарам чун нест?...
Дар дида чи сон оям, дар дил асарам чун нест?...
Аз гиря чӣ парҳезам чун, чашми тарам чун нест?...
Охир ба чӣ гӯям ҳаст, аз худ хабарам чун нест,
В-аз баҳри чӣ гӯям нест, бо ӯ назарам чун ҳаст.

Ҳар лаҳза нигоҳи ӯ аз лутфу карам бо мост,
Дар доираи ушшоқ сад фитнаву сад ғавғост,
Чун сарви хиромонаш дар маҷлиси мо шуд рост,
Шамъи дили дамсозон биншаст, чу ӯ бархост,
В-афғони назарбозон бархост, чу ӯ биншаст.

Аз боди сабо зулфаш атрофи суман бӯйид,
Ҳусну карамаш афзуд, кокул чу ба сар гардид,
Шуд сурма баландиқ бол, хоки қадамаш бӯсид,
Гар ғолия хушбӯ шуд, дар гесӯи ӯ печид,

В-ар вусма камонкаш шуд, дар абрӯи ӯ пайваст.

Ҳарчанд занам доим бо теғ у табар худро,
Дар сина намебинам як зарра асар худро,
З-ин ғусса занам доим бо зеру забар худро,
Чун шамъ вуҷуди мо шаб то ба саҳар худро,
Месӯхт чу парвона, то рӯз зи по биншаст[55].

Дониш ба чӣ соз омад умри шудаи Ҳофиз,
Бо аҷзу ниёз омад умри шудаи Ҳофиз,
Дар сӯзу гудоз омад умри шудаи Ҳофиз,
Боз ой, ки боз омад умри шудаи Ҳофиз,
Ҳарчанд наёяд боз тире, ки биҷаст аз шаст[56].

***

[55] Як хусусияти тоза ва дар мухаммасҳои дигар шуаро диданашавандаи мухаммасоти Аҳмади Дониш ин аст, ки ӯ чанд байти нобиғ азали Ҳофиз, Бедил, Ҷомӣ ва дигаронро интихоб намуда, дар идома ҳамеша ҳар панҷ мисраи мухаммасро худаш меофарад ва дигар ба ғазали тахмисшудаи Ҳофизу Бедил ва ғайра рӯ намеорад. Панҷ мисраи фавқуззикр ин кашфи Донишро дар мухаммасофарӣ собит мекунад.
[56] Ҷоҳое вожаҳои худро вориди ғазали интихобшуда мекунад, масалан, ин ҷо ба ҷои "бишуд", аз Ҳофиз "биҷаст"мегуяд.

## Умри ту сар ба сар ба сар омад, абас-абас

Умри ту сар ба сар ба сар омад, абас-абас.
Акнун накӯст, ин хабар омад, абас-абас.
То кай ба рӯзи бехабарӣ шод мезийӣ?
Он рӯз шуд шабу дигар омад, абас-абас.
То чашм боз кардаму дидам тамом шуд,
Умрам ҳама ба як назар омад, абас-абас.
Нашнохтӣ ту қимати умри гузаштаро,
Эй кош умри рафта баромад, абас-абас...
Мӯи сиёҳ сафед шуд, алтофи ҳусн рафт,
Акнун ки зулф дар камар омад, абас-абас.
Аз сарви қомату хами абрӯи ӯ гузашт,
Тиру камони умр сар омад, абас-абас.
Кори зи даст рафта надорад илоҷ ҳеҷ,
Афғони мо ба гӯши кар омад, абас-абас.
Мижгони худ чу найза ба хунрези мо кунӣ,
Хунобаҳо, ки аз ҷигар омад, абас-абас.
Мағрури ҳусни худ машав, эй нозанин, ки чанд,
З-ин дар даромаду бадар омад, абас-абас.
Хун рехт аз дилу ҷигари рафтагон ба хок,
Аз сар гузашту сар ба сар омад, абас-абас.
Бар гирудори роҳи хатарнок пур мапеч,
Ҳукми қазо шуду қадар омад, абас-абас.
Сози сафар кунун зи чӣ омода мекунӣ?
Ин роҳрав ба раҳгузар омад, абас-абас.
Мардум ба як ғазал абаси чанд гуфтаанд,
Чун мо кӣ гуфта як ғазал-андар абас-абас?
Нон пухт дар тануриё риёзат нагашта гарм,
Акнун ки бар сарат табар омад, абас-абас.
Ё Раб! Ту пардаҳо мадарон Рӯзи бозхост,
Афғони мо, ки пардадар омад, абас-абас.
**Дониш** ҳанӯз тарки абасҳо намекунӣ,
Чандон ки мекунӣ, хабар омад, абас-абас[57].

[57] Як ғазал баъд аз ин ғазал бино ба саҳлангорӣ ва хатоҳои котиб партофта шуд (Ф.М.).

**Ҷаҳону ҳосили онро бидон, бувад ҳама ҳеҷ**

Ҷаҳону ҳосили онро бидон, бувад ҳама ҳеҷ,
Ки хонумону замину замон бувад ҳама ҳеҷ.
Ту дил чаро биниҳӣ дар бинои ин дунё,
Ту хуш нигар, ки сари ӯ дукон бувад ҳама ҳеҷ.
Чаро ба лаззати дурӯза мешавӣ мағрур,
Бубин ту аввалу охир ҷаҳон бувад ҳама ҳеҷ.
Макони аслии мо зери хок мебошад,
Ба дидае, ки басир аст, буд макон ҳама ҳеҷ.
Ту хеш ҳеҷиву бар ҳеҷ мешавӣ хурсанд,
Баҳуш бош! Мабар ин гумон бувад ҳама ҳеҷ.
Ба ҳеҷ дил ту манеҳ, тӯшаи раҳе бардор,
Ки зоди роҳ надорӣ ту, корвон ҳама ҳеҷ.
Ба илму фазлу ҳунар эй писар, машав мағрур,
Ки илму **Дониши** ин давру ин замон ҳама ҳеҷ.

***

## Зоҳид, ки кардааст зи май тавбаи насӯҳ

Зоҳид, ки кардааст зи май тавбаи насӯҳ,
Махсуси мо гузошт магар бодаи сабӯҳ?
Захме ба сад муоличҷа ҳосил намудаем,
Акнун чӣ сон қисос бихоҳем аз ин ҷурӯҳ?...
Канъон бихӯрд бодаи имону ғарқ шуд,
Май хур, ки то халос шавӣ аз азоби Нӯҳ.
Соқӣ ҳанӯз даст набурда ба ҷоми май,
Хуш мерасад зи гӯшаи майхона сад футӯҳ!
Аз дарси ишқ фаҳм накардем нуктае,
Ҳарчанд аз назар гузарондем сад шурӯҳ.
Донӣ, ки нест илми амалро ба илм кор,
Аз тавбаи насӯҳ гузар кун дами сабӯҳ!
Тӯмори умр тай шуду кардем хатми кор,
Моро нашуд мабодии фитрат ба дил санӯҳ.
Бе ҷазбаи муҳаббату бе нардбони ишқ,
Натвон уруҷ кард ба болои ин сутӯҳ!
**Дониш** кунузи ишқ туро рӯ намедиҳад,
То нагзарӣ зи хеш, нанӯшӣ майи сабӯҳ.

***

## Мастам чунон ки гар шунавам номи ҷому роҳ

Мастам чунон ки гар шунавам номи ҷому роҳ[58],
Бехуд шавам, зи худ гузарам аз сари салоҳ.
Шаҳ дар қабои салтанату ман либоси фақр,
Ҳар кас ба қадри хеш танад ҷомаи фалоҳ.
Ҳарчанд масту бехабарам дар шаби фироқ,
Бӯйи висол мерасадам дар дами сабоҳ!
Соқӣ ба ёди муфтие моро навола бахш,
Май каш, ки шуд ба мазҳаби Пири муғон мубоҳ!
Дар офтоби ҳаҷри ту бепарда сӯхтем,
Аз лутф боз кун ба сари хастагон ҷиноҳ!
Аз суҳбати сабиҳвашон дил гирифта шуд,
Ҷоми майе, ки талх кашид, аййуҳал малоҳ!
Риндӣ мадеҳ зи дасту мудом интизор бош,
Хоҳӣ, сабоҳ ҷом диҳад, хоҳ дар равоҳ.
Қонуни вазъи дилбари мо нолапарвар аст,
Эй мурғи рӯҳ маст шав, аз ҷон бикаш сиёҳ[59]!
Соқӣ, ки ихтиёри ту морост эътибор,
Хоҳ аз баланду паст бикун рӯву ифтитоҳ!
Ҳарчанд сер кардамаш аз луқмаҳои чарб,
Барҳам нахӯрд ин саги бадкешро набоҳ[60]...
**Дониш** ҳанӯз марҳалаҳо пеши роҳи туст,
Кай меравӣ раҳе, ки бубахшад туро фалоҳ?[61].

***

[58] Шароб, бода.
[59] Нола, фарёд.
[60] Ав-ави саг, ҷакидани саг.
[61] Пирӯзӣ, тавфиқ, наҷот

## Шайони аҷибони ҳумо абраду мин ях

Шайони аҷибони ҳумо абраду мин ях,
Шайхун ятатаббиву сабиюн яташаййах[62]!
Ҳайҳот аз ин майкадаи бесару сомон,
Не ҷом ба даст омаду не коса, на матбах[63]...
Мо гумшудагонем дар ин водии ҳиҷрон,
Ҳасратзадагонем ба фурқат муталаттах.
Мастураи даврониву маъсумаи гардон,
Эй духтари раз, аз ту рамад оташи дӯзах!
Аз фазлу ҳунар ҳеҷ мазан дам, бихуредаш,
Бо аҳли замон гӯй зи лаҳми мутабаттах[64].
Бо теғи шаҳодат нашуд ин дил чу музайян[65],
Ҳарчанд бувад зинда бикаш ҷониби маслах.
Аз хоҷа бипурсӣ, ки зи чарбохӯрии хеш,
Чандон шуда фарбеҳ, ки ту гӯй мутамассах[66].
Аз васли ту шодам, ки ба ҷои мутафохир,
Гӯям зи саросемагии худ мутафорах.
Аз оташи ихлос диле гарм накардӣ,
Ҳарфи ту аз ин рӯй бувад абраду мин ях!
Соҳибкарамо, қофиясанҷӣ агар ин аст,
Аз теғи қумоши[67] ту куҷо бигзарад ин нах.
Аз рӯдаву ишкамба туро баҳра набошад,
Як луқма туро кай расад аз шоти мусаллах[68]...
**Дониш,** чӣ шавад ҳосил аз ин қофиясанҷӣ,
Сайде нашавад банд дар ин дому дар ин фахх[69].

---

[62] Ду чиз хеле аҷибанду хунуктар аз ях, яке пире, ки ҷавонӣ мекунаду ҷавоне, ки пирӣ.
[63] Таъом, ошхона.
[64] Бисёр гушти худ пухта ва гуворо.
[65] Ороста ва зийнатёфта.
[66] Бадбӯ ва уфунатовар; заҳролӯд.
[67] Ҷомаву дигар малобис.
[68] Гғ сфанди фарбеҳ.

## Мухаммаси Дониш бар ғазали Мирзо Бедил

То шуд он маҳваш бурун бо чеҳраи гулнор сурх,
Чун шафақ аз акси он рух буд дару девор сурх.
Дар чаман шуд он париваш бо сару дастор сурх,
Боз хандон гашт лаъли навхати дилдор сурх,
Ғунчааш омад бурун аз пардаи зангор сурх.

Ҳамчу Мӯсо аз шарори Тӯри ӯ ғофил мабош,
Аз лаби лаъли шакар дар шӯри ӯ ғофил мабош,
Аз “Ана-л-Ҳақ қ” гуфтани Мансури ӯ ғофил мабош,
Аз фиреби наргиси махмури ӯ ғофил мабош,
Бе балое нест ранги чеҳраи бемор сурх.

Ҳамчу Маҷнун то ҷамолаш дидаам, девонаам,
Аз табору хешу аз ҳушу хирад бегонаам,
Манзили ман кӯҳу дашт асту яке афсонаам,
Он баҳори ноз дорад майли ҳасратхонаам,
Метавон кардан чу барги гул дару девор сурх.

Ҷумла дар сайри гулу ман дар баҳори дигарам,
Ҷумла мастанд аз майу ман аз хумори дигарам,
Ҷумла дилбар дар канору ман канори дигарам,
З-ин гулистон дар камини лолазори дигарам,
Оламе маҳви гулу ман доғи он дастор сурх.

Аз хумори чашми масташ карда қарзи нашъае,
Бе маю бе бода месозем фарзи нашъае,
Дар ҷигар дар доғи дил резем тарзи нашъае,

[69] Дом.

Бе гудози дард натвон дод арзи нашъае,
Бода ҳам мегардад аз хун хӯрдани бисёр сурх.
Куштани ошиқ ба хубони Чигил макрӯҳ нест,
Пеши он гул будани ошиқ хиҷил макрӯҳ нест,
Будани мо аз заифӣ по ба гил макрӯҳ нест,
Қатли арбоби ҳавас бар аҳли дил макрӯҳ нест,
Гар ба хуни гов созад Барҳаман зуннор сурх.

Дилбаронро ноз зебандасту ошиқро ниёз,
Ҳар кӣ шуд аҳли ҳақиқат, фориғ ояд аз маҷоз,
Ошиқони маст кай доранд парвои намоз,
Саъи золим дар газанди халқ дорад арзи ноз,
Неши пойе то нагардад нест рӯи хор сурх.

Дар ҷаҳони бесарупо маҳви осоиш мабош,
Тангии олам нигар, дар банди гунҷоиш мабош,
Рафтанӣ омодаӣ, як лаҳза дар болиш мабош,
Рангҳо дорад фалак, мағрури ороиш мабош,
Ҷомаат з-ин хум намеояд бурун ҳар бор сурх.

Маҳви ҳар ранге, ки бошӣ, аз ту он сар мезанад,
Мурғи рӯҳ аз бехудиҳо дам ба дам пар мезанад,
Тангии айём ҳар дам баҳри мо дар мезанад,
Аз гудози ваҳми ҳастӣ ишқ соғар мезанад,
Оташ аз хошок хӯрдан мекунад рухсор гул.

Қиссаи ишқ аст бепоён, ба поён оварем,
Дарди мо дардест бедармон, ба дармон оварем,
Аз гудози хуни дил коре ба сомон оварем,
Шавқ хун шуд к-аз ҷигар ранге ба домон оварем,
Лек кӯ ашке, ки бошад як гиребонвор сурх[70].

[70] Дар ҳошия: як чакиданвор омадааст.

Аз ҷафо ҳарчанд дил хун мекунад, аммо куҷост...
Он нигори шӯхро бо мо вафо ҳаргиз равост?
Ҳоли мо аз ҳасрати дидори ӯ дар пардаҳост,
Хуни ҳасраткуштагон дар пардаи ранги ҳиност,
Домани қотил бувад дасте, ки созад ёр сурх.

Хотири Лайлӣ ҳавои нолаи Маҷнун надошт,
Хонапарварди ҳаё дар сар сари ҳомун надошт,
Рафтани мо з-ин гулистон ранги дигаргун надошт,
Пайкарам аз нотавонӣ як раги гул хун надошт,
То дами теғи ту мегардам ба он миқдор сурх.

Гарди ҳар субҳе чу аз ҳуснаш хате иншо кунад,
Чун шафақ хуршед ранге аз ҳаё пайдо кунад,
Аз вафо бо дигарону аз ҷафо бо мо кунад,
Хома гар сатре зи рамзи улфаташ иншо кунад,
Гардад аз ғайрат ба ранги хомаам тӯмор сурх.

Гар чунин ояд ба гӯши аҳли дил бонги дуҳул,
Мастии моро набошад ҳоҷате бо ҷоми мул,
Оҷиз аз тадбири ин ҳангома ояд Ақли кул,
Инчунин гар нола хунолуд хоҳад кард гул,
Андалеби мо чу тӯтӣ мекунад минқор сурх.

Гар ҳадиси ишқ аз най сӯйи дафтар бигзарад,
Ошиқонро аз хиҷолат об аз сар бигзарад,
Ишқро омода шав, афсуни дигар бигзарад,
Ошиқонро мавҷи хун мебояд аз сар бигзарад,
Ҳамчу гул аз ранги бедардӣ макун дастор сурх.

Хок гаштан гарчи мебошад зи пастӣ муфти мост,
Нашъаи бенашъагиҳо ҳам зи мастӣ муфти мост,
Эй дил, аз банди амал ҷастиву растӣ, муфти мост,

Ранги ваҳме ҳам агар ҷӯшад зи ҳастӣ, муфти мост,
К-ин либоси тира натвон ёфтан ҳар бор сурх.

Боғ бон афсурда шуд аз хору хоки эътибор,
Кист биншонад гуле дар ҷӯйбори эътибор,
Нест **Дониш** як гул андар шохсори эътибор,
Офият ранге надорад дар баҳори эътибор,
**Бедил** аз дард аст чашми аҳли ин гулзор сурх.

***

## Дар идомаи ин ғазал Дониш гӯяд

Аз нигоҳи гарми он шаккарлаби гулгунқабо,
Дигарон як бор агар сурханд[71], ман чанд бор сурх!
Муддао рангинии рухсори он гулчеҳра буд,
Даъвии лаъли лабаш кардам, шуд аз ин кор сурх.
Оташи исён дар ин олам агар сӯзанда нест,
Бошад андар қабр гурзи оташин бисёр сурх.
Ҳар матоъеро ба ҳар мулкеривоҷе дигар аст,
Гул ба бустон сурх бошад, лола дар кӯҳсор сурх.
Гарчи ранге аз сиёҳӣ нест пуртаъсиртар,
Ояд андар ваҳм ранги ҳиндуе зарвор сурх.
Шиддати сармои дай беш аст аз гарми тамуз,
Мешавад дар Чилла чашми гурги одамхор сурх.
З-ин гулистон мояи ранге ба мо ҳосил нашуд,
Ҷинси мо ояд аз ин хам мушкилу душвор сурх.
Ошиқонро орзӯи дидани гул шуд магар,
Аз ғазаб шуд чеҳраи он дилбари айёр сурх.
Боғбонро сурхрӯиҳо зи таъсири гул аст,
З-ин сабаб шуд дасту пои он бути гулкор сурх.
Шуд магар аз нағмаҳои ранг-ранги мутрибон,
Пардаи сетор зарду косаи сетор сурх!
Ин қадар хоре, ки дар моҳи шариф имсолҳост,
Ҳаст дандони ғазаб имсол то перор сурх.
З-ин гулистон мояи ранге агар ҳосил нашуд,
Аз гули сабр аст моро чеҳраву рухсор сурх.
Аз зари сурхи ҳарифон рӯи мо сурхӣ надид,
**Дониш** аз сабру қаноат мекунад ночор сурх.

***

[71] Яъне сурх шаванд; аз навтирозиҳои Дониш дар сохтани калимаҳои нави тоҷикӣ.

## Дилдор дӯш пурсиши моро баҳона кард

Дилдор дӯш пурсиши моро баҳона кард,
Сӯйи рақиб рафту кучоро баҳона кард.
Аз зулфи худ димоғи ҷаҳон атрбор кард,
Гуфтам: Чӣ буд?. Мушки Хиторо баҳона кард.
Пинҳон бигашт даст ба хунам нигор кард,
Гуфтам: Чӣ буд? Ранги ҳиноро баҳона кард.
Аз оҳи сина дар дили мо худ ба мо расонд,
Гуфтам: Чӣ буд? Боди саборо баҳона кард.
Ханҷар кашиду дар гулӯи ошиқон ниҳод,
Пеши рақиб куштани моро баҳона кард.
Руммонатайнро ба ман аз дур во намуд,
Дасте ба сина банди қаборо баҳона кард.
Аз гӯсфанди зиндагӣ ӯ дунбаро рабуд,
Чӯпон расид, гурги Худоро баҳона кард.
Дар нимрӯз хӯрдани савм ихтиёр кард,
Ноне гирифт, марди гадоро баҳона кард.
Бе ихтиёр хӯрдани худро ба кас нагуфт,
Вақти тамазмуз[72] оби ҳаёро баҳона кард.
Аз ҳар кӣ дид, даст кушоду талаб намуд,
Моро чу дид, дасти дуоро баҳона кард.
Банде зи кори банда кушодан хаёл кард,
З-ин рӯ кушоду банди қаборо баҳона кард.
**Дониш** ҳанӯз бо ту ниҳонӣ назар надошт,
Имрӯз дид ин суханоро баҳона кард.

***

[72] Вақти чашидан.

## Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз

Рӯй аз дараш натобам то кори ман барояд,
Ё ҷони тоза ёбам, ё ин кухан барояд,
То сарв аз гулистон, гул аз чаман барояд,
Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд.

Дур аз ҷамоли рӯят моро на сар на сомон,
Аз ханҷари фироқ ат дил чоку ҳам гиребон,
Аҳволи мо шаби тор, рӯи ту моҳи тобон,
Бинмой рух, ки халқ е вола шаванду ҳайрон,
Бикшой лаб, ки фарёд аз марду зан барояд.

Чун булҳавас ба ҳар сӯ натвон давид боре,
Натвон гирифт ҳар дам домони гулъузоре,
Дар ишқ ҳам бибояд бо ошиқон қароре,
Ҳар дам чу бевафоён натвон гирифт ёре,
Моему хоки кӯяш, то ҷон зи тан барояд.

Резад шакар зи лабҳо, қанд аз сари забонаш,
Одам куҷо тавонад тақрир аз баёнаш,
Бошад магар фаришта, ё ҳур тарҷумонаш,
Ҷон бар лаб асту дар дил ҳасрат, ки аз лабонаш,
Нагрифта ҳеҷ коме ҷон аз бадан барояд.

Дар ҳайрати ҷамолаш ҷон бе сабаб барояд,
Дил аз равон равонтар бо сад талаб барояд,
Рӯҳ аз ҳарорати дил бо тобу таб барояд,
Аз ҳасрати даҳонаш ҷонам зи лаб барояд,
Худ коми тангдастон кай з-он даҳан барояд?.

Булбул ба саҳни гулшан дар ҷустуҷӯи бӯят,
Чашми хумори наргис масти майи сабӯят,
Ҷаъди бунафшаву гул ҷӯёи бӯйю хӯят,
Бар бӯйи он ки дар боғ ёбад гуле чу рӯят,
Ояд насим ҳар дам гирди чаман барояд.

Эй дил агар ту бошӣ, дар зайли ишқ бозон,
Килки талаб нависад дар хайли ишқ бозон,
**Дониш** ба сидқ дорад худ майли ишқ бозон,
Гӯянд зикри хайраш дар хайли ишқ бозон,
Ҳар ҷо, ки номи **Ҳофиз** дар анҷуман барояд.

***

## Чӣ шавад аз он гули наврасам зи чаман ба ман хабаре расад

Чӣ шавад аз он гули наврасам зи чаман
ба ман хабаре расад,[73]
Зи насими субҳи инаяташ
ба дили ҳазин асаре расад!
Рақами ҷафо ба дилам задӣ, накунам
ба ҷуз вафои туро,
Агар ин ҷафо зи ҷо равад,
ба мақоми ӯ дигаре расад.
Лаби лаъли нӯши дилрабо
зи дилам қарору сабр бурд,
Чӣ шавад, ки зуду зудтар бари ман
аз ӯ шакаре расад.
Лаби лаъли ҷонфизои ӯ ба дилам чиҳо,
ки намекунад,
Зи камоли лутфу инаяташ самаре равад,
самаре расад.
Ғаму дарди дӯст чи хуш бувад
ба дили шикастаи ошиқон,
Чу ниҳоли навбаре равад,
ба ниҳоли навбаре расад.
Ману кӯҳи Бесутун куҷо?
Туву ёри нозанин куҷо?
Магар аз карам Худойро ғами ман
ба лабшакаре расад...
Ба хаёли зулфи дутои ӯ зи замона
як тараф шудаам,
Ки зи банд-банди ӯ магар
ба камар маро камаре расад.

---

[73] Тақтеи ин ғазал бар ин вазн аст: *Чӣ шавад аз он / гули наврасам / зи чаман ба ман / хабаре расад*.

Лаби лаъли нӯши он парӣ
ба мани сухансаро расад,
Чӣ шавад ба гӯши ҷону дил,
ки аз он гуле гузаре расад.
Ба ҳимояти дили бенаво ғами ту
агарчи намерасад,
Чӣ шавад зи ҷаъди муанбарат
ба дилу ҷигар сипаре расад.
Дили ман зи гарму сарди ҷаҳон чӣ кунам,
ки бас фасурда шуд,
Зи ниҳоли қомати сарви ӯ чӣ шавад,
ки нав самаре расад.
Ба хаёли мӯйи миёни ӯ шудаам зи худ,
хабарам куҷост,
Магар аз даҳони ниҳони ӯ
ба самоъи ҷон хабаре расад.
Ба суроғи ман агар нашавӣ,
мани гумшуда аз миён ба чӣ рӯ,
Зи пайи ту каш-кашон равам,
чӣ кунам, ки бе саре расад.
Ману **Дониши** било сарупо,
туву ғамзаи хушу дилрабо,
Ба миёна ҳеҷ мурод туро, набувад,
ки саре ба саре расад[74].

***

[74] Ин ғазал ончунонки дар нусха буд, нақл гардид; шояд нусхаи дигараш ҳам ёфт шавад.

## Дӯш аз насими субҳ ба гулшан хабар расид

Дӯш аз насими субҳ ба гулшан хабар расид,
Бар дил зи оҳу нолаи мурғон асар расид.
Кам буд лутфи соқии мо пеш аз ин, кунун
Ҷоме нагашта холиву ҷоми дигар расид!
Тӯтӣ биё, ки роҳи найистон кушода шуд,
Баҳри вазифа тунги шакар бар шакар расид!
Хун дар канори дидаи мо сахт баста шуд,
Раҳме намо, ки офати ҷони дигар расид.
Зулфаш ба ораз омаду зад ҳалқа ҳамчу мор,
Ғофил машав, ки офати ҷон бештар расид.
Май дар канору мутриби мо масти хоб буд,
Чашме кушод, баски насими саҳар расид.
Чашмаш ҳанӯз то шуда маст аз шароби ноз,
Абрӯ зи пай чу шуъбадабози дигар расид.
Аз хони ишқ ҳар чи расад **Донишо**, хамӯш!
Хотиргарон машав, ки каму бештар расид.

***

## Ғазали сурудвора ба яке аз хонандагони Бухоро

Он моҳ ба мо чеҳракушо шуд, чӣ баҷо шуд!
З-оинаи мо рангзудо шуд, чӣ баҷо шуд!
Бо сарви қадаш қумрии дил роҳ намеёфт,
Шамшоди қадаш ҷилванамо шуд, чӣ баҷо шуд!
Фарҳод дар ин кӯҳи вафо теша ба сар зад,
Хусрав ба сари кӯҳи ҷафо шуд, чӣ баҷо шуд!
Маҷнун, ки дар ин дашт ба вайрона ватан кард,
Лайлӣ, ки ватан-хайманамо шуд, чӣ баҷо шуд!
Ин оҳу фиғонам зи фалак то ба фалак рафт,
Ин наъра куҷо то ба куҷо шуд, чӣ баҷо шуд!
Билқис, ки аз мулки Сабо сӯйи Сулаймон,
Дар лаҳза ба тақдири Худо шуд, чӣ баҷо шуд!
То шамъи рухат аз дили ман зангзудо шуд,
Оинаи ман нуру сафо шуд, чӣ баҷо шуд!
Хокистари мо бар сари гардун алам афрошт,
З-оинаи дил рангзудо шуд, чӣ баҷо шуд!
Ҳошо, ки вуҷудам ҳамагӣ сӯхт зи ҳиҷрон,
Ин хона ҳама нуру сафо шуд, чӣ баҷо шуд!
Лабрез шуд аз шишаи май ҷоми ҳарифон,
Якранг ҳама шоҳу гадо шуд, чӣ баҷо шуд!
Овози дафу чанг чунон рафт бар афлок,
Ғавғои фалак нестнамо шуд, чӣ баҷо шуд!
Шоми ману субҳидами ағёр баробар,
Тақсим аҷаб адлнамо шуд, чӣ баҷо шуд!
Сарсабз нашуд ин чаман аз дидаи сероб,
Селоб магар офати ҷону дили мо шуд?
Хун гашт дилу то ба камингоҳи адам рафт,
Якранг ҷигар омаду то нестнамо шуд.
Фарҳод дар ин кӯҳ ба сар тешаи худ зад,
Хусрав ба куҷо рафтаву Ширин ба куҷо шуд?

Рафтем, зи мо ҳеҷ асар нест ба даврон,
Олам ба чӣ сомон шуд(а) аз мо, ки ҷудо шуд.
Об аз сари **Дониш** бигузашт, пой ба гил монд,
Ғавғои ҷаҳон бар сари ин бесарупо шуд.

***

## Ҳар кас, ки масти бодаи ҷоми аласт шуд

Дил дӯш бо хаёли лабаш майпараст шуд,
Соқӣ шикаст ҷому сурохӣ зи даст шуд.
Ҳар кас ба кӯи дӯст зи роҳи талаб расид,
Дар ҷазбаи муҳаббати ӯ пойбаст шуд,
Имшаб ба кӯи майкада рафтам зи бехудӣ,
Зоҳид ба наъраe, ки задам дил зи даст шуд.
Андӯҳи дил ба ҳеҷ тараб кам намешавад,
Натвон гирифт роҳи сипаҳ, чун шикаст шуд.
Баҳри ибодате, ки бувад дур аз риё,
Моро кунун ба дурдии май обдаст шуд.
Аз санги муҳтасиб хуми май дӯш мешикаст,
Бо хуни бастаи дили мо ҳулябаст[75] шуд.
Дар рӯзи ҳашр ҳам наравад нашъа аз сараш,
Ҳар кас, ки масти бодаи ҷоми аласт шуд!
Шӯхиву вазъи ҳоли ҷавонӣ зи сар нарафт,
Ҳарчанд умр беш зи ҳафтоду шаст шуд.
Бо нони хушк шайх чӣ сон иктифо кунад,
Ин нафси бадсиришт, ки фолудамаст шуд.
Бунёди дил, ки сели ғам аз ҷо рабуда буд,
Аз як нигоҳи гарми ту девонабаст шуд.
Гул дар чаман ба тахти зумуррад қарор ёфт,
Булбул ба нола омаду вақти нишаст шуд.
Дар саҳни бӯстон чу хиромид сарви ту,
Аз қомати ту қомати шамшод паст шуд!
Ин Золи бевафо, ки арӯси ҷаҳон бувад,
Рӯзи нахуст бо ману ту каллабаст шуд.

***

[75] Зебо ва нигорин шуд.

## Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад

Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад,
Табъи салим фарз аст, ирс аз падар набошад.
Аз саъй худ надорем чашми умед ҳаргиз,
Як зарра лутфи Эзид, гар коргар набошад!
Аз банда саъй кардан, аз дӯстон дуое,
Кори писар чӣ бошад, фазли падар набошад?
Бар қадри бандагиҳо хоҳем саъй кардан,
Лекин насибаи мо ғайр аз қадар набошад.
Ҳам бо тағоии худ дорем арзи дигар,
Ғайр аз дуои холис чашм аз падар набошад!
Дур аз шумост дида, ҳар лаҳза з-ашк пурхун,
Афсонаҳои дигар пеши назар набошад.
Бошем зинда чандон, бинем якдигарро,
Мақсудҳои дигар ғайр аз қадар набошад.

***

## Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ

То чашми гуҳарборам бар чеҳраи хубон шуд,
Ҳар қатра зи ашки ман сад лаҷҷаи Уммон шуд,
Чун рӯи туро дидам, аз ман сару сомон шуд,
То дидаи хунборам бар орази ҷонон шуд,
Ақлу дилу дин бурданд, сад рахна дар имон шуд!

Ҳар нақш, ки мебинам аз сархати пешонист,
Ҳар захм, ки маҷрӯҳам, аз ханҷари мижгонест,
Эй шӯхи камонабрӯ, ҳиҷрони ту пайконест,
Кори мани бечора минбаъд прешонист,
Бар орази гулрангаш, то зулф парешон шуд.

***

## Андак караме фармуд, андӯҳ фаровон рафт

Андак караме фармуд, андӯҳ фаровон рафт,
Аз як назари лутфаш сад мушкилам осон шуд.
То сарви хиромонаш дар ҷивагарӣ омад,
Мурғи дили ҷонбозон чун қумрии нолон шуд.
Аз ханҷари мижгонаш дил захмаи корӣ дид,
Аз лаъли шакарбораш сад шукр, ки дармон шуд.
Аз замзамаи шавқаш ором чӣ сон гирам,
Аз чоҳи занахдонаш ором дилу ҷон шуд.
Дар гулшани иқболаш осуда чаро бошам?
Хорам ба ҷигар уфтод гул то ба гиребон шуд.
То бар сари ман рондӣ шамшери тағофулро[76],
Аз рашк ҳарифонро андӯҳ фаровон шуд!
То сояи хуршедаш дар гирди Ҳарам дидам,
Шукронаи иқболаш, сад ҷон ҳама ҷуброн шуд.
Як дона зи холи худ лутфу караме фармо,
Мӯри дили маҳзунро ҳамтахт Сулаймон шуд.
Аз шарбати лаъли худ як қатра карам фармуд,
Дар коми дилу ҷонам бас шаҳд фаровон шуд.
Мегуфт, ки ҷонам деҳ, то бӯса туро бахшам,
Ин бандаи бефармон имрӯз ба фармон шуд!
Аз захмаи ҳиҷронаш ҷонам ба фиғон омад,
Ин муҳри Сулаймонӣ, то офати девон шуд.
Як зарра зи лутфи худ нодида ба мо кардӣ,
Ҳам роҳати ҷон гардид, ҳам қуввати имон шуд!
Аз дарду фироқи ту як қисса чу бинвиштам,
Ҳам Лайливу Маҷнун шуд, Абсолу Саломон шуд.
**Дониш,** ки зи халқи даҳр лутфе, ки надид охир,
Аз фазл ба ҷон омад, харкору саробон шуд.

---

[76] Худро ба нодонӣ задан.

## Озода рав, ки хиттаи олам басест танг

Дар баҳр агар ту об наёбӣ, марав ба сар,
Бо лутфи ӯ паноҳ бар, аз баҳр даргузар!
Дастури ақли кулл ба ту роҳе намедиҳад,
Аз ҷузв парда соз ба худ, пардаро мадар!
Толеъ агар мадад накунад зери чархи дун,
Равшангарӣ куҷо шавад аз шамсу аз қамар.
Давлат назар ба пешу паси худ намекунад,
Фарқаш куҷо миёни падар бошаду писар.
Марде куҷост рӯй ба майдони мо кунад.
Дорад ҳазар зи рӯбаҳи афсурда шери нар.
Хуниндилон ба майкада майл аз чӣ мекунанд,
Он ҷост оби кухнаву ин ҷо шароби тар.
Мактабнарафта зоҳиди беилм чун кунад,
Қуръони ишқ ро, ки на зер асту не забар?!
Озода рав, ки хиттаи олам басест танг,
Осон на бе либоси таҷарруд, аз он гузар!
Хомуш нишастаанд ҳарифон ба базми май,
**Дониш,** ту ҳам зи нолаву оҳу фиғон гузар!

***

## Он кӣ бо ман дар сухан худро баробар мекунад

Он кӣ бо ман дар сухан худро баробар мекунад,
Поймардӣ кай тавонад, хок бар сар мекунад!
Мулки донишро зи бас тасхир пардозам ба килк,
Бенавои хомаам кори тавонгар мекунад!
Тарзи хомӯшӣ ҳазорон аст, к-андар роҳи ишқ,
Даст кори дигару дил кори дигар мекунад.
Бо ҳама ҳолат хушам, к-аз шӯру ширини замин,
Гоҳ масрурам фалак, гоҳе мукаддар мекунад.
Нест парвое маро аз буду нобуди сипеҳр,
Гарчи беҳбудӣ гуморад, в-арчи абтар мекунад.
Дуннавозиҳои гардун аст аҳли табъро,
Дар фанооботи боқӣ вазъ кайфар мекунад.
Тарҳи Маҷнун аст оқилро гудозад аз шарор,
Шуълае к-аз оҳи олам сӯз сар бар мекунад.

***

### **Ҳарфе зи дӯст гӯй, ки бошад зи ҷон лазиз**

Ҳарфе зи дӯст гӯй, ки бошад зи ҷон лазиз,
Лутфаш лазиз бошаду қаҳраш аз он лазиз!
Гар ёр бо ту бошаду дар ҳар куҷо бувад,
Васлаш лазиз бошаду ҳаҷраш аз он лазиз!
Моро самуми ҳаҷр басе талхком сӯхт,
Боди сабо насиме расонаш аз он лазиз.
Рафтан ба кӯи дилбару дидан ҷамоли ӯ,
Он ҳам лазиз бошаду ин ҳам аз он лазиз! **(поёни 136а)**
Лутфаш яқини мо шуду қаддаш камон ба мо,
Бошад яқин лазизу набошад камон[77] лазиз!
Ҷуз хоки роҳи ӯ шудану маҳви роҳи ӯ,
Андар замин чӣ бошад, дар осмон лазиз!
Хунобае, ки рафта зи чашмам ба ёди ӯ,
Андар мазоқи ҷону дилам бошад он лазиз!
Ҳар қатрае, ки мечакад аз лаъли ноби дӯст,
Бошад зи оби Хизр ба лабташнагон лазиз!
Фарҳод ҷуз ҳикояти Ширин намекунад,
Ин қисса бод аз лаби ширинлабон лазиз!
Халқ аз барои ком ба ҳам теғ мекашанд,
Эй комҷӯ гузаштан аз он ком, з-он лазиз.
Аз ному аз нишона гузар, сайри боғ кун,
Дар кӯи ишқ домани ному нишон лазиз!
**Дониш** ҳанӯз нуктаи беҳуда мезанӣ,
Бар гӯши ҳамгинон набувад ончунон лазиз.

***

[77] Ҳамчунон.

## Рафтӣ чун аз барам, эй сарви хиромони падар
## (марсияи Дониш дар сӯги фарзанд)

Рафтӣ чун аз барам, эй сарви хиромони падар,
Булбули рӯҳ парида зи гулистони падар.
Тоқи абрӯи ту то дур шуда аз назарам,
Тоқатам тоқ шуд, эй сарви хиромони падар.
Ҷӯйбори дилам аз сарви қадат хуррам буд,
Рафтиву гашт хазон гулшану бустони падар.
Бори андӯҳи туро кӯҳ наёрад тоқат,
Ба чӣ тадбир ман ин бор кашам ҷони падар?
Ҳар замон қатраи ҳасратзада бар рӯи замин,
Аз ғами рӯи ту ин дидаи гирёни падар.
То туро боди аҷал бурда зи гулзори вуҷуд,
Гум шуда сар ба сар эй гул, сару сомони падар.

***

## Обистан аст духти замин аз фуюзи дай

Нагзашта файзи бори саҳоби карам ҳанӯз,
Хобида аст лолаву гул дар адам ҳанӯз.
Ҳут асту мавти сабза ба зери замин дафин,
Нагзашта офтоб зи абри дижам ҳанӯз.
Булбул чу аз бунафшаву гул мекунад савол,
Аз боди субҳ мешунавад "ло"-ву "лам" ҳанӯз.
Шохи гулу дарахти самардору бесамар,
Дар бар накардаанд либоси ҳишам[78] ҳанӯз.
Нанҳода лола бар сари худ чатри арғувон,
Наншаста гул ба тахти чаман чун санам ҳанӯз.
Найсон набурда файзи ҳаворо ба сӯйи баҳр,
Бар сафҳаи замин хати райҳон қалам ҳанӯз.
Обистан аст духти замин аз фуюзи[79] дай[80],
Комил нагашта муддати зод аз шикам ҳанӯз.
Дасти карам набурда замин бар сахову ҷуд,
Минқори мурғ хушктар аз бешу кам ҳанӯз.
Гӯсолавор гов ба гардан накарда йуғ,
Аз поза[81] бар замин нарасида ситам ҳанӯз.
Хуррам нагашта рӯи замин аз сафеду сурх,
Гул дар паноҳу лола ба катми адам ҳанӯз.
Аҳли тараб нишаста ба ғамхонаҳои худ,
Соқӣ зи хум нарехта дар Ҷоми Ҷам ҳанӯз.
Киштӣ зи боди шурта биҷунбида аз мақом,
Ҳоҷӣ набурда пай ба ҳарими ҳарам ҳанӯз.
Аз баҳри оваридани булбул ба бӯстон,
Нохурда шоҳидони гулистон қасам ҳанӯз.

---

[78] Либоси зебои рангоранг, бошукуҳ.
[79] Файзу неъматҳо.
[80] Зимистон.
[81] Пода

Чуғз аз даруни кулба надонам чӣ мехӯрад.
Зоғ аст лек дуру ҳаме муғ танам ҳанӯз.
Ҳосил, ки боғбон нагирифта ба даст бел,
**Дониш** ба бӯстон нанихода қадам ҳанӯз.

***

**Давре ба сар расида, ки бишнав маноқибаш**

Давре ба сар расид, ки бишнав маноқибаш,
Не қадру манзалат ба сухан, не ба соҳибаш,
Пурсидамаш зи қозиву мегуфт ноибаш,
Он беҳ, ки аҳли фазл нишинанд тойибаш,
Бигзашта аз муношитаву аз масоибаш.

Тифле лаб аз "Макорими ахлоқ" дӯхта,
Ҳиммат зи нори "хашяти амлоқ" сӯхта,
Хиссат лаҷом кардаву имсок нӯхта,
Асбоби обрӯи азизон фурӯхта,
Ин аст аз аҷойиби ҳирсу ғаройибаш.

Хуршеди умр ҳар саҳар аз нав сафар кунад,
Ҳар ҷо, ки меравад қадам аз фарқи сар кунад,
Ҳарчанд дар уруҷу нузулаш назар кунад,
Дар гӯши ҳуши мо зи ғурубаш хабар кунад,
Бошад қарибтар зи машориқ мағорибаш.

Афсӯс гӯши ҳуш ба Фурқон накардаӣ,
Фармони дӯстро ба ҷавонӣ набурдаӣ,
Вақти нишоту айш шаробе нахӯрдаӣ,
Охир ба худ надомати беҳуда бурдаӣ,
Акнун зи суди тухма шудан аз маъойибаш.

**Ҳофиз** наво накарда ба фасли баҳору дай.
**Ҷомӣ** зи ҷоми фазл нахӯрдаст қатра май.
**Бедил** зи ҷон гузашта накардаст сафҳа тай.
**Фирдавсиву Низомиву Хоқонӣ** ло ба шайъ.
**Нозим** ғалат навишта, хато карда соҳибаш.[82]

---

[82] Яъне замоне фаро расида, ки суханони ин бузургон арзише надорад.

Аз қадру манзалат ба сухан зарравор нест.
Ин фазлро чӣ шуд, ки дар ӯ эътибор нест...[83]

**Дониш** ту саъй карда давидӣ ба ҳар тараф,
Ҳаргиз наёфтӣ зи касе ҳурмату шараф,
Биншин ба гӯшае, ҳамаро соз бартараф,
Бархезу хеш зуд раҳо кун аз ин канаф,
Ин аст дар ҷаҳон ҳамагӣ аз ғаройибаш.

***

[83]Се мисраъ рехта маҳв шудааст.

## Аз ҳирс ҳеҷ кас ба мақоме намерасад

Ё раб, ба ҳеҷ кас надиҳӣ обрӯи ҳирс,
Дар ҷӯи ҳеҷ кас наравад оби ҷӯи ҳирс.
Ҳарчанд ҷои сулҳ бувад лар мазоқи халқ,
Санге бизан ба қаҳру ғазаб дар сабӯи ҳирс!
Моро макун насиб, агарчанд фарбеҳ аст,
Мурғе, ки парварида шавад дар кадуи ҳирс.
Гардон ту рӯи хешу ба сӯйи дигар бирав,
Ногоҳ дар раҳе, ки шавӣ рӯ ба рӯи ҳирс.
Аз аҳли ҳирс ҳар кӣ туро рӯ ба рӯ шавад,
Гардида туршу тунд, бигардон зи рӯйи ҳирс.
Як қатра об ҳайф, ки дар ҷӯи ӯ равад,
Зинҳор хокрез намоӣ ту ҷӯи ҳирс.
Эй ҳирс, то ба кай ту ба мо рӯй мекунӣ,
Ё Раб, карам намо, ки набинем рӯи ҳирс. **(поёни 139а )**
Дунё хуш аст, лек агар ҳирс-ш андак аст,
Бо мо магӯй беш аз ин гуфтугӯи ҳирс.
Аз ҳирс ҳеҷ кас ба мақоме намерасад,
Ё Раб, ту дур дор зи мо бӯи ҷӯи ҳирс.
**Дониш** зи ҳирс ин ҳама нолидани ту чист?
Бо он, ки ҳеҷ бор надорӣ ба кӯи ҳирс.

***

**Дар базм ҷо гирифтан, бе маҳвашон ғалат**

Рафтан ба сӯи майкада бе майкашон ғалат,
Дар базм ҷо гирифтан, бе маҳвашон ғалат.
Бе ҷон ба васли ёр расидан бувад муҳол,
Бе нола пеши гул шудан аз булбулон ғалат.
Бе ёр бода хурдани риндон бувад дареғ ,
Бо булҳавас нишастани ширинлабон ғалат.
Аз ҷӯши бода ғафлати мастон бувад муҳол,
Аз шӯри ишқ ранҷиши ширинлабон ғалат.
Бар сокинони майкада бе нашъае ҳаром,
Бар қотеъон мусолиҳаи тоҷирон ғалат.
Дар баҳри ишқ ғӯта задан дур наёфтан,
Аз толибони содиқи бигзаштаҷон ғалат.
Аз мурдароҳи бераҳа рафтан қубоби маҳз,
Аз гумраҳон расидан бо восилон ғалат.
Ушшоқро ба роҳи талаб сӯхтан ҳалол,
Бе зод роҳ рфтани ин ҳоҷиён ғалат.
**Дониш** ҳанӯз роҳила дар раҳ накардаӣ,
Рафтан ба Каъба бе мадади раҳбарон ғалат.

***

## Май хӯрдану нишастан бо мункирон ғалат

Май хӯрдану нишастан бо мункирон ғалат,
Уфтодани шикастадилонро ҳамон ғалат.
Шарҳи висол кардан бар ошиқон лазиз,
Дури(й) фироқ гуфтан бар ғофилон ғалат.
Дуд аз ниҳоди халқ кашидан бувад қабеҳ,
Бар рӯи халқ парда даридан аз он ғалат.
Пинҳон ба сина доштан дарди дили яқин,
Пеши рақиб додани шарҳу баён ғалат.
Дониш ба дӯстон ба сари хон шудан аҷаб,
Май хӯрдану нишастан бо душманон ғалат!

***

**Моро дар ин замона набошад касе ҳариф**

Рафта баҳору монда ба ҳангомае хариф[84],
Моро дар ин замона набошад касе ҳариф.
Ҳарчанд хоҷа фарбеҳу зифт аст дар назар,
Аз дил нигоҳ кун, чӣ қадар нозуку наҳиф.
Маҳтоб дар ҳимояти мо шабравӣ кунад,
То поктар равем аз ин манзили касиф[85].
Соқӣ куҷову базм куҷо, ҳамгинон куҷо?
Танҳо нишастаӣ ту дар ин гӯшаи каниф[86].
Аз даст рафт кору накардӣ ту фикри хеш,
Худро чӣ сон ба халқ кунӣ зираку ҳариф.
Ин қиссаҳои бесару по ҷамъ кардаӣ,
Аз ҳар куҷо, на қофия донию не радиф. **(поёни 140 б)**
**Дониш** кунун зи фазл туро рӯ намедиҳад,
Аз бас вазиъро[87] нашиносӣ ту аз шариф.

***

[84] Тирамоҳ.
[85] Чиркину олӯда.
[86] Гӯшаи дур афтода.
[87] Бо вазъи муносиб.

**Гови чанбаршохи Шокир хуш биғуррад чун паланг**
(танзу ҳазл)

Гови чанбаршохи Шокир хуш биғуррад чун паланг,
Абдуқодир хирси худ донам ба саҳро чун маланг.
Чун Сулаймон ҳукмашон ҷорӣ ба ҳар деву парӣ,
Чӯбҳои ман бихӯрданду манам чун мӯри ланг.
Ҳокими эшон бувад гӯсолаи Ҳоҷӣ Валӣ,
Ҳамчу ӯ ҳаргиз намебошад яке хуки каданг.
Аз мусулмонӣ надорад заррае ҳаргиз хабар,
Хешро одам шуморад аз сари ҷаҳлу ҷаланг.
Ман намедонам чӣ шуд, ҳайрону сарсон мондаам,
Ин сагонро нест бо ман ҳеҷ ҳаққи зулму ҷанг.
Не ба гуфтан дам шаванду не ба куштан кам шаванд,
Ҳар яке ҳастанд ҳамчун ғӯл, на, ғӯли ханг.
Эй харон, кори дигар осонтар аз ин будатон,
Дар шаби торик дуздӣ кардану бурдан зи чанг.
Дар к...[88] эшон манори Вобкан то шуд адам[89],
Кай кунад таъсир бо ин нархарон чӯби пашанг.
Ҳар куҷо чӯбу дарахте дида: “Аз мо” гуфтаанд,
Бе далелу бе санад removed бобояшон буда наҳанг.
Карда ғорат чӯбҳои халқ бо худ мебаранд,
Бехабар як чӯбро сад чӯб хоҳанд хӯрду санг.
Заҳрашон аз нӯки бинӣ мечакад аз фарти ҷаҳл,
Гӯиё ҳастанд аз маъҷуни аз афюну банг.
Аз насиҳат ном гар орӣ, ки шояд бишнаванд,
Макунанд аз пеши рӯ парвоз монанди куланг.
Эй Худоё, зудтар ин чӯбхоронро бубар,
То нишонад ҳар касе баҳри Худо чӯбу чаланг.
Ғайри ғавғо ҳуҷҷате дигар надоранд ин харон!

---

[88] Куни.
[89] Нестӣ; яъне агар ҳам манораи дарози Вобканд пурра дар к... эшони Ҳоҷи Валӣ гум шуд, ба ӯ таъсире нарасонд.

Гӯиё он ҷумлаанд авлоди лӯливу мазанг.
Инчунин зулме, ки бар мо кардаанд аз роҳи ҷаҳл,
Гӯрашон пурмору каждуму лаҳадшон зийқу танг!
Эй Худоё, аз раҳи ботил барор ин қавмро,
То раҳи ҳамвор тай созанд бе ғавғову ҷанг.
Неъмати ҳақ додаро шокир наянд аз рӯи ҷаҳл,
Чашм бар моли касон доранд чун мастони банг.
Пардаи ғафлат гирифта роҳи чашму ақлашон,
Ҳамчу кӯрон ҳар чӣ ояд, дасташон қавсе ҷуранг.
Тавба кард, азбаски ақлаш буд комил, фаҳм рост,
В-аз миёни ин ҷамоат Абдувоҳид бедиранг.
Абдуқодирро намедонам, ки дар аҳвол чист,
Аз нигоҳаш фитна меборад, чу неши пеши ханг.
Он дигар хурдон, ки бинам аз бароҳимзодагон,
Хирссурат, хуксират гӯиё з-аҳли Фаранг.
Он яке моро ба хори сурх хӯрдан рӯй кард,
Аз сари хонаш нахӯрдастем як пои куланг.
**Донишо,** бар мо далерӣ ин сагонро баҳри чист?
Нест ҷуз бечорагӣ моро дигар шӯру шаранг.

***

**Онҷунон ғафлати мо бурда ба ҷое, ки мапурс.**

Ҳала, эй ҷон ба куҷо меравӣ аз дасти аҷал,
Аз азал омадаӣ бандаи побасти аҷал!
Моҳии сӯхтаҷон, чанд ба худ мепечӣ,
Кӯ туро ҳилаи берун шудан аз дасти аҷал?
Нашъаи ҳеҷ май аз ин натавон кард халос,
Уфтодем дар ин майкадаи масти аҷал.
Ончунон ғафлати мо бурда ба ҷое, ки мапурс,
Нест маълум ба мо омадани ҳасти аҷал.
То қиёмат магараш кунда шудан ҳаргиз нест,
Мекашад то ба куҷо риштаи павасти аҷал.
**Донишо,** чанд кунӣ назми аҷалро мавзун,
Чун туро нест сари мисраи пайвасти аҷал.

***

## Зоғ ро бар ҷои булбул, хорро бар ҷои гул

Такя бар тахти чаман зад шоҳиди раънои гул,
Андалеби бенаво то сар ниҳад дар пои гул.
Хор-хори ишқи гул дар синаи мо ҷо гирифт,
Андалебонанд доим толиби маъвои гул.
Чанд рӯзе бигзарад, бинанд аҳли анҷуман,
Зоғ ро бар ҷои булбул, хорро бар ҷои гул.
Хоҳ гулшан хоҳ гулхан, хоҳ боғ у хоҳ роғ,
Булбули бехонумон ҳар ҷо бувад ҷӯёи гул.
Хунбаҳои сад чаман гул нолаи як булбул аст,
Гар набошад ошиқи гул булбуле сад вои гул.
Ҳуснро аз ишқ набвад чорае з-ин рӯ магар,
Булбули саргашта шуд девонаи лолои гул.
Гармии бозори гул аз нолаҳои булбул аст,
Кист ҷуз булбул харидорӣ кунад колои гул?

***

## Мухаммаси Дониш бар ғазали Носир

"Ло зола зиллу давлатикум, ё Ула-ал-камол[90]",
Бар фарқи хастагони ту модома моҳу сол,
Ҳарчанд бандаро набувад қуввату маҳол,
Дардо умед аз карами Ҳайи зул-ҷалол!,
Бо бахту давлатат нарасад то абад завол!

Бошӣ ҳамеша соҳиби иқболу муҳтарам,
Бо иззу бо ҷалол, ҳамоғӯши Ҷоми Ҷам,
Дур аз ҳаводиси ғаму озод аз алам,
Бошӣ зи юмни давлати султони бокарам,
Фирӯзбахту соҳиби иззат, хуҷастафол!

Ҳар рӯз бод рӯзи ту аз рӯз беҳтаре,
Давлат ғуломии ту кунад, бахт чокарӣ,
Илёсу Хизр бо ту намоянд ёварӣ,
Бахшад Худой давлату иқболу меҳтарӣ,
Гардад зи рашк қомати аъдот чун ҳилол!

Фархундафол бошиву ишкуфта чун баҳор,
Бошад давоми айши ту соле ҳазор бор,
Бошад мизоҷ муътадилу айш хушгувор,
Эзид диҳад туро зи карам умри бешумор,
Дар боғи даҳр нахли қадат бод баркамол!

Халқе ба садри маҷлису мо банди соқаем[91],
Хуфтанд аҳли даҳр ҳама, мо, ки тоқаем[92],

[90] Сояи давлати шумо , эй дар илму камол ба мартабаи баланд расида, модом ва ҳамеша бод!
[91] Яъне дар поён, бун, зер нишастаем
[92] Танҳоем.

З-ин рӯй гӯиё ба риёзот шоқаем[93],
Лабташнагони бодияи фақру фоқаем[94],
Инъоми туст бо ҳама сарчашмаи зулол.

**Дониш** хурӯш то ба кай? Охир хамӯш кун!
Сарчашмаи ҳаёт ба ҷӯш аст, ҷӯш кун!
Кам хур ғами замонаву ин нукта ҳуш кун!
**Носир** ғуломи ҳалқабагӯш аст, гӯш кун,
Бахшо ба ҳоли зори заъифони бемаҷол!

***

[93] Бегиҳоят муштоқем.
[94] Нодорӣ, камбағалӣ.

## Мо кори худ ба маслиҳати устод мекунем

Ҳарчанд ёди мо накунӣ, ёд мекунем,
Таскини хотиру дили худ шод мекунем,
Ширин агарчи гӯш ба фарёди мо накард,
Як нола ҳам ба хотири Фарҳод мекунем,
Моро агарчи мулки Сулаймон шавад ҳусул,
Кори ҷаҳон ҳаволае бар бод мекунем.
Моро ба кор маслиҳати зуҳд агар кунанд,
Абрӯи ёр қиблаи зуҳҳод мекунем.
Маҷнун агар ба қиссаи Лайлӣ шурӯъ кард,
Мо қиссаҳои ишқи ту бунёд мекунем.
Лайливашон ба ишвае гар дил зи мо баранд,
Аз ғамзаҳои чашми ту сайёд мекунем.
Аз раҳм агар ба ҷониби мо рӯ намекунад,
Ночор рӯ ба нолаву фарёд мекунем.
Мурғи диле, ки дар қафаси сина банд буд,
Акнун қафас шикаставу озод мекунем.
**Дониш** агарчи маслиҳат аз даст рафтааст,
Мо кори худ ба маслиҳати устод мекунем!

***

**Дурри ноёб аст Дониш оби чашми ошиқон**

Он қадар рафтаст дар ҳаҷри ту об аз чашми ман,
Сӯхтан шояд, ки омӯзад кабоб аз чашми ман.
Гар чунин селоби ашк аз чашми ман ояд бурун,
Оламе хоҳад шудан охир хароб аз чашми ман.
Баски ҳайронам ба хуршеди ҷамоли рӯи ӯ,
Чашмаи хуршед дорад изтироб аз чашми ман.
Баски мерезад ба роҳи интизораш хуни дил,
Нест ҷуз хоки раҳи ӯ комёб аз чашми ман.
Баски якранг аст дар ороиши боғи ҷамол,
Кай кунад абри баҳорӣ иҷтиноб аз чашми ман.
Оби Панҷобе, ки мехонанд, аз чашми ман аст,
Шоҳи мардон гашт шахси Бӯ Туроб аз чашми ман.
То димоғи ошиқон созад муаттар ҳар замон,
Ҳамчу хуни сурх меояд гулоб аз чашми ман.
Дурри ноёб аст **Дониш** оби чашми ошиқон,
Абри найсон мекашад доим ҳиҷоб аз чашми ман.

***

**Дӣ дар мақоми ҳайратам овард нуктае**

Дӣ дар мақоми ҳайратам овард нуктае,
Дар хуни дил кӣ буд, ки парвард нуктае.
Зоҳид ба зуҳди хеш аҷаб ғарқа буду ман,
Оҳе ба сар кашидам бас сард, нуктае...
Эй ғофилон ҳанӯз таманно зи сар нарафт,
Ин орзӯ чӣ буд, ки парвард нуктае.
Ғам дар мақоми ҳайрати худ пошикаста монд,
Ҳайрат зи пай даромаду сар кард нуктае.
Бо мо ба эътироз азизон назар кунанд,
Бо нуктаҳои мост ҳамовард нуктае.
Ғафлат ҳанӯз дар сари мо ҷо намебарад,
Дар гӯши мо расид чӣ номард нуктае.
Мо аз қарори кор таҷоҳул намекунем,
Ёрон кадом алам, чӣ бодард нуктае.
Ин нома бо ду боли кабутар равон кунанд,
То дар ҳарими қурб сазад фард нуктае,
**Дониш** ҳазор нукта дар ин раҳ агар расад,
Гӯй накардааст ба мо, кард нуктае.

***

Илоҳӣ фалак хонумонат хароб,
Ту кардӣ ҷигарҳои моро кабоб!
Илоҳӣ, фалак хоки гулшан шавӣ!
Парешонтар аз хотири ман шавӣ!

***

***Байти матлаи ғазали Мавлавӣ Ҷомӣ дар ҳошияи вар.144 б:***

*Шавам девона, он тифли парипайкар назад сангам,*
*Дар ин андеша чун девонагон бо хеш дар ҷангам.*

***

**Гаҳе оташ, гаҳе обам, гаҳе сулҳам, гаҳе ҷангам**
**(ғазали Дониш дар пайравӣ ба Ҷомӣ)**

Зи чашмаш мастаму аз он даҳан чун ғунча дилтангам,
Ба-д-он мӯи миён роҳе наёбад синаи сангам.
Расидан кай бувад мумкин аз ин қонун[95], ки ман дорам,
Ба кӯшиш нолаҳои арғунуни нағмаи чангам.
Ба лутфам хоҳ бинвозад, ба қаҳрам хоҳ бигдозад,
Ба ҳар ранге, ки пардозад, дар ин гулзор
якрангам[96].
Дар ин саҳрои бесомону ин куҳсори навмедӣ,
Ба Маҷнун ҳамдаму ҳамсӯз, бо Фарҳод дар
ҷангам.
Фитодам дар сувайдои[97] хаёлаш, чашми он дорам,
Ки шояд даст гирад ногаҳон он зулфи шабрангам.
Навои нолае дорам, ки қонунаш намедонам,
Кучоҳо то барад ин нағмаи бепарда оҳангам.
Кулоҳи фақр дорам аз шикасти ранги таъмираш,
Ба тахти бехудӣ биншаста мустағнӣ зи аврангам.
Дар ин майхонаи ибрат ба ҳар ранге, ки мехонӣ,
Гаҳе оташ, гаҳе обам, гаҳе сулҳам, гаҳе ҷангам.
Биё **Дониш,** ки ёри дилнишин қасди сафар дорад,
Ман ин ҷо бод мехонам, ки аз пай мебарад рангам.

***

[95] Лаҳне аз мусиқӣ.
[96] Мавлавӣ гуяд:
Ошиқам бар меҳру қаҳраш ман ба ҷидд,
Эй аҷаб... ман ошиқи ин ҳар ду зидд...
[97] Сиёҳии хаёлаш; ин ҷо ба маънои дастнорасӣ.

## Дар васияти подшоҳон

Шунидаам зи ҳакиме, ки подшоҳонро,
Ба чанд тоифа бояд кушуд роҳи висол.
Ҳама ҳунарвару донишпажӯҳу динпарвар,
Ҳама суханвари санҷидаву малеҳмақол[98].
Дигар мусаввири Беҳзоддасту Моникилк,
Ки нақшаи фалаку арзро кашад тимсол.
Вуҷуди ҳар як аз ин қавм зеби мамлакат аст,
Ҳузури ҳар як аз ин фирқа мулкрост ҷамол.
Касе, ки ҷамъ кунад ин фунун зи бахти баланд,
Ба чанд ротиба лойиқ бувад ба-д-ин минвол!
*...тамма фи шаҳри Шаввол фи санати алфин ва миатайни ва сабъатин ва тисъийна (1297ҳ.) аз тарафи каминаи камтарин Муҳаммад Аблулҳафиз дар балдаи фохираи Бухорои шариф дар гузари Меҳтари Анбар.*
*Ҳар кӣ хонад, дуо талаб дорам,*
*З-н ки ман бандаи гунаҳгорам.* (поёни девон)

[98] Намакинсухан.
[94] Аз ин хотима ё колофон бармеояд, ки дастнависи Дониш моҳи Шавволи (октябри) соли 1880 дар Бухорои шариф, дар гузари Меҳтари Анбар аз ҷониби котибе бо номи Абдулҳафиз китобат шудааст.

# Мундарича

**Бозёфти пурарзиши адабӣ……………………………… 3**
**Аз ҷаҳонободи маънӣ нусхае овардаем...................... 6**
**Ғазалвораҳо............................................................... 21**
**.**
**Илоҳо, ҳаминони дард кун оҳу фиғонамро................. 21**
**Эй тамошогоҳи хубон тоқи абрӯи Шумо................... 22**
**Татаббуъ бар ғазали худ............................................. 23**
**Гул дар чаман зи рӯи ту дорад ҳиҷобҳо...................... 24**
**Илоҳо, ҳамдами таъсир кун оҳу фиғонамро............... 26**
**Ҳой-ҳойе дорад охир ишқи шӯрангези мо................... 28**
**Осмон то накунад ҳеҷ қароре пайдо.......................... 29**
**Татаббуъ бар ғазали худ............................................. 30**
**Омадӣ, ором шуд дилҳои беоромро ............................ 31**
**Он қадар дурам зи лутфу марҳамат, чун дам занам... 32**
**Ё Ҳаётаддаҳр, лутфе бо мани маҳзун намо.................. 33**
**Ғазалвораи “Ислоҳот”................................................ 34**
**Муноҷот ба даргоҳи 37**

Қозиюлҳоҷот............................
Қитъаи 44
ғ азалвора.......................................................
Мунодӣ нест ҳоҷат баҳри таҳрики 46
қ авофилҳо...........
Оташи бемеҳрият ҳар рӯз месӯзад 47
маро.....................
Ғунудан нест аз осоиши мо......................................... 48
Соқ иё, то кай ба ҷоми мо нарезӣ бодаро.................... 49
Қитъа ба тариқ и танз................................................ 50
Мухаммас бар ғ азали аввали ҳазрати Хоҷа 51
Ҳофиз....
Мухаммас бар ғ азали аввали Мирзо Абдул
кодири Бедил................................................................ 53
Мухаммаси марсияи Дониш......................................... 55
Мухаммаси Дониш бар ғ азали 57
Имло..........................
Эй туро аз нолаҳои мо дили маҳзун 59
хароб..................
Бояд гузашт аз сари ҷон дар раҳи талаб................ 60
Ало эй каъбаи давлат маро хоки сари кӯят.......... 62
Ба шохи сарв, ки булбул ҳамеша нолон 63
аст...........
Теғ аш зи сина, ханҷари ӯ аз ҷигар 64
гузашт.................
Нахли ҳаёти мо чӣ қ адар бесамар 65
гузашт..................
Қисса кутаҳ кун, ки рӯз охир шуду авқ от 66
рафт....
Умри кутаҳ зоеъу беҳосилу барбод рафт................. 67
Соқ иё май деҳ, ки бе май кори мо ҷавҳар 68
надошт......
Мухаммаси Дониш бар ғ азали ҳазрати Хоҷа 69

Ҳофиз.
Мухаммаси Дониш бар ғазали Мирзо Бедил................ 71
Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз... 74
Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз... 76
Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз. 77
Умри ту сар ба сар ба сар омад, абас-абас................. 79
Ҷаҳону ҳосили онро бидон, бувад ҳама ҳеҷ........... 80
Зоҳид, ки кардааст зи май тавбаи насӯҳ................. 81
Мастам чунон ки гар шунавам номи ҷому роҳ....... 82
Шайони аҷибони ҳумо абраду мин ях..................... 83
Мухаммаси Дониш бар ғазали Мирзо Бедил........... 84
Дар идомаи ин ғазал Дониш гӯяд............................. 88
Дилдор дӯш пурсиши моро баҳона кард................ 89
Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз.. 90
Чӣ шавад аз он гули наврасам зи чаман ба ман хабаре расад............................................................... 92
Дӯш аз насими субҳ ба гулшан хабар расид.......... 94
Ғазали сурудвора ба яке аз хонандагони Бухоро......... 95
Ҳар кас, ки масти бодаи ҷоми “аласт” шуд............ 97
Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад................ 98
Мухаммаси Дониш бар ғазали ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ..................................................................... 99

Андак караме фармуд, андӯҳ фаровон рафт............ 100
Озода рав, ки хиттаи олам басест танг.................. 101
Он кӣ бо ман дар сухан худро баробар мекунад... 102
Ҳарфе зи дӯст гӯй, ки бошад зи ҷон лазиз............. 103
Рафтӣ чун аз барам, эй сарви хиромони падар...... 104
Обистан аст духти замин аз фуюзи дай................. 105
Давре ба сар расида, ки бишнав маноқибаш.......... 107
Аз ҳирс ҳеҷ кас ба мақоме намерасад.................... 109
Дар базм ҷо гирифтан, бе маҳвашон ғалат................. 110
Май хӯрдану нишастан бо мункирон ғалат ........... 111
Моро дар ин замона набошад касе ҳариф.............. 112
Гови чанбаршохи Шокир хуш биғуррад чун паланг... 113
Ончунон ғафлати мо бурда ба ҷое, ки мапурс....... 115
Зоғ ро бар ҷои булбул, хорро бар ҷои гул.............. 116
Мухаммаси Дониш бар ғазали Носир...................... 117
Мо кори худ ба маслиҳати устод мекунем............ 119
Дурри ноёб аст Дониш оби чашми ошиқон................. 120
Дӣ дар мақоми ҳайратам овард нуктае.................. 121
Қитъаҳо дар ҳошия....................................................... 122
Гаҳе оташ, гаҳе обам, гаҳе сулҳам, гаҳе ҷангам..... 123

**Дар васияти подшоҳон............................................... 124**

*Ба матбаа супорида шуд 23.07.2020*
*Барои нашр имзо шуд 24.07.2020*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 14,3. Андоза 60x84$^{1}/_{16}$.*
*Адади 200 нусха. Супориши №00.*

МН «Дониш»

*Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АИ ҶТ*
*ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.*